

# Муҳоҷират, интиқоли маблағ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон

## Санади корӣ

PRISE
Pathways to resilience in semi-arid economies

Research for climate–resilient futures

# Муҳоҷират, интиқоли маблағ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон

**Апрели с. 2017**

Жанна Бабагалиева
Абдулҳамид Қаюмов
Нурулло Маҳмадзода
Наиля Мустаева

Ҳисоботи мазкур аз ҷониби Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (ММЭОМ) дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудааст.

Консорсиуми PRISE аз Институти рушди хориҷа (ташкилоти пешбар), Британияи Кабир; Институти тадқиқотии Грэнтҳэм оид ба устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва муҳити зист, Британияи Кабир; Рушди навовариҳои муҳити зист дар Африқо, Сенегал; ва Институти сиёсати рушди устувор, Покистон; бо шарикони таҳқиқиотии кишвар – Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ; Бунёди боварии бозорҳои Кения; Донишгоҳи Уагадугу, Буркина Фасо ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Қирғизистон иборат аст.

**Фото:**

© Bakhriddin Isamutdinov

## Изҳори сипос

ММЭОМ ба намояндагони ҷонибҳои Платформаи ҳамкориҳои ҷонибҳои манфиатдори PRISE дар шаҳри Душанбе, иборат аз намояндагони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалии рушд, ки саҳми арзишманди худро ҷиҳати омодасозии ин пажӯҳиш гузоштаанд, сипосгузори амиқи худро изҳор мекунад.

Муаллифон инчунин ба ҳамкорони худ аз Рушди навовариҳои муҳити зист (IED Afrique) ва Институти тадқиқотии Грэнтҳем барои ҳамкории самаранок ва иштироки фаъолона дар вохӯриҳо ва баррасиҳо бо ҷонибҳои манфиатдори асосии лоиҳа дар Тоҷикистон изҳори амиқи сипос менамоянд.

Гурӯҳ ба донори лоиҳа – Институти сиёсати рушди устувор (ИСРУ), инчунин ҳамоҳангсози лоиҳа – Институти рушди хориҷа (ИРХ) барои таъмини ҳамоҳангсозӣ, раҳнамоӣ ва кӯмаки техникӣ дар таҳияи ин кори таҳлилӣ изҳори сипос менамояд.

# Мундарича


Чаҳоркунҷаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо . . . . . . 6
Ихтисорот. . . . . . 7
1 Пешгуфтор . . . . . . 8
2 Муаррифии мухтасари Тоҷикистон . . . . . . 9
3 Осебпазирии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим . . . . . . 13
4 Заминаи муҳоҷирати меҳнатӣ . . . . . . 15
5 Сохтори интиқоли маблағҳо . . . . . . 18
6 Сиёсат ва тадбирҳо дар соҳаи рушд . . . . . . 20
6.1 Стратегия ва нақшаҳои рушди миллӣ . . . . . . 20
6.2 Сиёсатҳои сохторӣ . . . . . . 21
6.2.1 Сиёсат ва барномаҳо барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон ва Русия . . . . . . 21
6.2.2 Сиёсат ва тадбирҳо оид ба тағйирёбии иқлим . . . . . . 25
6.2.3 Барномаҳои молияи давлатӣ ва хусусӣ . . . . . . 25
7 Алоқаҳо дар байни интиқоли маблағ ва устуворӣ . . . . . . 27
8 Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо . . . . . . 29
8.1 Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳо . . . . . . 29
8.2 Тавсияҳо. . . . . . 31
Замимаҳо . . . . . . 34
Замимаи 1: Рӯйхати пурсидашудагон . . . . . . 36

# Чаҳоркунҷаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо

Чаҳоркунҷаи 1 Рушди инсон дар Тоҷикистон . . . . . . . . . . 13
Чаҳоркунҷаи 2: Офатҳои табии миёна дар як сол . . . . . . . . . . 18
Чаҳоркунҷаи 3 СМР (2007–2015): Дастовардҳои асосӣ . . . . . . . . . . 24
Чаҳоркунҷаи 4 Малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ . . . . . . . . . . 27
Чаҳоркунҷаи 5 Сиёсати миллӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим . . . . . . . . . . 28

Тасвири 1 Таҳлили тобеияти иқтисодӣ барои солҳои 2010-2015 . . . . . . . . . . 20

Тасвири 2 Динамикаи воруди интиқоли маблағ дар Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015, млрд доллари ИМА . . . . . . . . . . 21
Тасвири 3 Сатҳи саводнокии муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2004 ва 2009, бо % . . . . . . . . . . 27

Ҷадвали 1 Қарзи «Боварӣ»-и бонки Эсхата . . . . . . . . . . 30

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| Млрд. | Миллиард |
| БАТР | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд |
| БОУТИ | Барномаи озмоишии устуворӣ ба тағйирёбии иқлим |
| БРСММ | Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БСИ | Бунёдҳои сармоягузории иқлим |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| Долл. ИМА | Доллар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ЗНХ | Заминҳои нимхушк |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| кВс | КВт/соат |
| КТ 21 | Конфронси 21-уми Тарафҳо |
| КҚСММТИ | Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим |
| МВ | Мегаватт |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ММЭОМ | Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ |
| МҶ/м$^2$ | Мегаҷоул/метри мураббаъ |
| НБО | Нерӯгоҳи барқи обӣ |
| НММА | Нақшаҳои мутобиқшавии маҳаллӣ барои амал |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ОИМ | Оператори интиқоли маблағ |
| САҲА | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| СБМ | Созмони байналмилалии меҳнат |
| СБМ | Созмони байналмилалии муҳоҷират |
| СРМ | Стратегияи рушди миллӣ |
| СҒД | Созмони ғайридавлатӣ |
| ТМК | Таҳсилоти миёна ва касбӣ |
| ШБТИ | Шӯрои байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим |
| ҲПСММ | Ҳиссагузориҳои пешбинишудаи дар сатҳи миллӣ муайяншуда |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |

# 1. Пешгуфтор

Лоиҳаи «Муҳоҷират, интиқоли маблағҳо, мутобиқшавӣ ва устуворӣ дар минтақаҳои хушк ва нимхушкии Сенегал ва Тоҷикистон» яке аз бастаҳои тадқиқотии «Роҳҳои устуворӣ дар кишварҳои нимхушк» ё PRISE мебошад.

PRISE лоиҳаи панҷсолаи тадқиқотии якчанд кишвар мебошад, ки оид ба роҳҳои бештар одилона ва устувор сохтани рушди иқтисодии кишварҳои дорои минтақаҳои нимхушк дониши нав тавлид мекунад. PRISE дар доираи Ташаббуси муштараки тадқиқоти мутабиқшавӣ дар Африқо ва Осиё (CARIAA), бо дастгирии молиявии Департаменти рушди байналмилалии Ҳукумати Британиёи Кабир (DfID) ва Маркази байналмилалии тадқиқоти рушди Канада (IDRC) татбиқ карда мешавад.

Лоиҳа ду кишвар – Тоҷикистон ва Сенегалро фаро мегирад, ки дар онҳо саҳми интиқоли маблағҳо дар рушди иқтисодиёт назаррас мебошад. Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (ММЭОМ) шарики татбиққунандаи лоиҳа дар Тоҷикистон мебошад. Дар назар аст, ки тадқиқот ҷиҳати баланд бардоштани сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишварҳои ҳадаф тавассути: (а) беҳдошти идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии муҳоҷирати меҳнатӣ миёни кишварҳои мизбон ва таъинот ва (б) таъмини истифодаи самараноки интиқоли маблағҳо барои рушд ҷиҳати таъмини ояндаи дарозмӯҳлати ба тағйирёбии иқлим устувор дар иқтисодиёти нимхушки Тоҷикистон ва Сенегал далелҳои боэътимод фароҳам меорад.

Як ҷузъи муҳими бахши тадқиқоти пешниҳодшуда омӯзиши интиқоли маблағҳо ҳамчун яке аз натиҷаҳои мустақим ва мусбати муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Интиқоли маблағҳо метавонад, ҳангоме ки муҳоҷирони меҳнатӣ бо оила ва ҷомеаҳои худ дар тамосанд, ба воситаҳои зиндагӣ таъсири мусбӣ расонанд. То он даме, ин робита вуҷуд дорад, муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва диверсификатсияи даромади хонаводаҳо мусоидат кунад, инчунин дар мубориза бо бӯҳрон ва ё ҷиҳати сармоягузорӣ ба фаъолияти устувори зиндагӣ василаҳои беҳтар пешниҳод намояд. Дар баробари ин, манфиатҳои интиқоли маблағҳо ва истифодаи самарабахши онҳо метавонад барои ҷомеаҳои қабулкунанда, на танҳо дар робита бо баланд бардоштани вазъи шароити зиндагонии сокинони худ натиҷаҳои назаррас дошта бошад, балки инчунин ба мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим низ саҳмгузор бошад.

Ҳамчун қисми лоиҳаи тадқиқотӣ, равиши ҷамъоварии маълумот дар сатҳҳои гуногун ба омодасозии ин санад истифода бурда шудааст. Равиш фарогири инҳост: (а) баррасии адабиёти дастрас оид ба муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо дар Тоҷикистон ва таҳлили маълумоти мавҷуда, (б) таҳқиқоти хонавода ҷиҳати арзёбии сатҳи огоҳии пурсишшудагони асосӣ ва посухдиҳандагони хонаводаҳо оид ба муҳоҷират, интиқоли маблағҳо ва робитаи онҳо бо роҳҳои устуворӣ ба тағйирёбии иқлим. Равиш бо амали зерин пурра карда хоҳад шуд: (в) парвандаи омӯзишӣ оид ба ҷанбаҳои гендерии интиқоли маблағҳо ва тадбирҳои устуворӣ ба тағёрёбии иқлим. Қадамҳои боло таҳлили муқоисавии хулосаҳо, инчунин умумиятҳо ва фарқиятҳои байни Тоҷикистон ва Сенегалро пурра хоҳанд кард. Дар маҷмӯъ, марҳилаҳои тадқиқоти боло далелҳои қотеъ, саривақтӣ ва дақиқро таъмин намуда, ба: (г) таҳияи тавсияҳо ва омодасозии харитаи роҳ барои ояндаи ба тағйирёбии иқлим устувор тавассути татбиқи самараноки стратегияҳо ва истифодаи боз ҳам устувортари интиқоли маблағҳо раҳнамоӣ хоҳанд кард[1].

Ҳадафҳои дигар инҳоро дар бар мегиранд [2]:

Санади кории мазкур, қисми 1 (минбаъд Санад) Тоҷикистонро дар бар мегирад ва: (а) фарогири тамоюли асосӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мусоидати муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо ба ин раванд мебошад. Дар баробари далелҳои тавсифӣ, таҳлил аз ҷумла: (б) роҳҳои имконпазири ҷорисозии мутобиқати таъғирёбии иқлимро ба стратегия ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла воситаҳои ба муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо равона кардашуда баррасӣ мекунад, инчунин (с) тандурустӣ, маориф ва ҷанбаҳои молиявиро ҳамчун ангезаҳои эҳтимолӣ дар самти истифодаи интиқоли маблағҳо барои ояндаи ба тағйирёбии иқлим устувор баррасӣ менамояд.

1 Шарҳи муфассали натиҷаҳои лоиҳа дар пешниҳоди лоиҳавӣ баён карда шудаст.

2 Тамоюлҳои ҷории интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирон ва робита байни кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳанда, дар мисоли Сенегал ва Тоҷикистон дар чист? Интиқоли маблағҳо то чӣ андоза ба рушди мутобиқшавии устувор ба тағйрёбии иқлим дар бахшҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ дар заминҳои нимхушки Тоҷикистон ва Сенегал мусоидат мекунад?

Санад инчунин холигиҳо ва монеаҳои асосиро,ки пешрафти бомуваффақият ба сӯи тағйирёбии иқлим ва устувории истифодаи интиқоли маблағҳоро боз медорад, инъикос менамояд. Дар асоси таҳлил, Санад роҳҳои воқеии беҳтар намудани стратегияҳои дахлдор оид ба муҳоҷират, интиқоли маблағҳо, тағйирёбии иқлим, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодӣ, бо назардошти интиқоли маблағҳои муҳоҷирон чун омили рушди ба тағйирёбии иқлим устуворро пешниҳод мекунад [3].

# 2. Муаррифии мухтасари Тоҷикистон

**Тақсимоти маъмурӣ:** Аз нигоҳи маъмурӣ, Тоҷикистон ба чор минтақаи асосӣ, аз ҷумла вилояти Суғд дар шимол, вилояти Хатлон дар ҷануб, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахш (ВМКБ) дар ҷанубу шарқ [фарогири 45% қаламрави кишвар], ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар марказ ва қисми ғарбии мамлакат ҷудо карда шудааст.

**Аҳолӣ:** Аҳолии Тоҷикистон 8,547 миллион нафар (01/2016) буда, суръати афзоиши солонаи он 2,5% – ро ташкил медиҳад. Тоҷикистон кишваре ба шумор меравад, ки аҳолии ҷавонаш зуд рушд карда истодааст. Шумораи мардон ва занон тақрибан баробар (50,5% ва 49,5% мутаносибан) мебошад. Агар ба ҷуғрофияи кишвар назар карда шавад, маълум мегардад, ки масоҳати бештари онро кӯҳистон фаро гирифта, зичии аҳолӣ ба таври назаррас фарқ мекунад ва водиҳои шимол ва ғарби Тоҷикистон дорои аҳолии бештар мебошанд. Аз ин рӯ, тақсимоти аҳолӣ чунин аст: вилояти Хатлон – 35,5%, вилояти Суғд – 29,4%, НТҶ – 23%, ВМКБ – 2,6% ва пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе – 9,4% (Агентии омор, с. 2015). Дар айни ҳол, 73,5% аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ба таври васеъ кишоварзӣ ва ҷангалпарвариро барои пешбурди зиндагии худ истифода бурда, аз захираҳои табиӣ вобастагӣ доранд.

**Чаҳоркунҷаи 1. Рушди инсон дар Тоҷикистон**

Нишондиҳандаи рушди инсон: 0.624 (129-ум аз байни 188 кишвар);

- ДУМ (даромади умумии миллӣ) ба сари аҳолӣ: 2.517доллари ИМА
- Давомнокии ҳаёт ҳангоми таваллуд: 69,4
- Солҳои пешбинишудаи давраи мактабхонӣ: 11.2
- Солҳои миёнаи давраи мактабхонӣ: 10,4

*Сарчашма: Гузориши рушди инсон с. 2015 – Фаъолият ҷиҳати рушди инсон, Ёддошти иттилоотӣ*

**Ҷуғрофия:** Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ буда, ба баҳр роҳи баромад надорад, масоҳати он тақрибан 143.100 км2 аст. Тоҷикистон бо Афғонистон, Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Тақрибан 93%-и қаламрави кишварро кӯҳҳо фаро гирифта, пиряхҳо сарчашмаи асосии дарёҳо мебошанд. Бештар аз нисфи тамоми пиряххои Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон, асосан дар шимол ва шарқи Помир ҷойгир шудааст. Тақрибан як ҳазор дарёҳо дар ҳавзаҳои Амударё, Сирдарё, Панҷ ва Вахш (дар омезиши ду дарёи охирин дарёи Ому оғоз мешавад) ҷойгир шуданд. Аз сабаби он ки Амударё ва Сирдарё шохобҳои баҳри Арал мебошанд, тақрибан 50-и маҷрои умумии солонаи он дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбад (Агентии омор, с. 2015).

**Иқтисод:** Дар давоми даҳ соли охир Тоҷикистон бо рушди воқеии ММД тақрибан 6–7% дар 5 соли охир бемайлон аз бӯҳрони иқтисодӣ баромада истодааст (Трейдинг экономикс, с. 2016). Тамоюли афзоиши умумӣ тавассути фаъолияти хуби саноати истихроҷи маъдан, нумӯи соҳаи кишоварзӣ, инчунин афзоиши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нигоҳ дошта мешавад.

---

[3] Тоҷикистон: Арзёбии ҳолати кишвар, 2015, пайдо кардан мумкин аст дар: prise.odi.org

*Интиқоли маблағҳо:* Аз соли 2012, Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои баландмақом бо таносуби баланди воридоти маблағҳо ба ММД-и миллӣ дар ҷаҳони рушдкунанда баррасӣ гардид. Дар соли 2013 рекорди баланди воридшавии маблағ ба кишвар тақрибан 4.2 миллиард доллари амрикоӣ ва ё тақрибан баробар ба 46%-и ММД арзёбӣ гардид, ки истеъмоли хусусии дохилӣ ва сармоягузориро густариш дод (Трейдинг экономикс, с. 2016). Иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистонро ҳамчун аз интиқоли маблағҳо вобастагии сахтдошта метавон арзёбӣ кард, ин дар навбати худ маънои онро дорад, ки иқтисодиёти кишвар аз вазъи иқтисодии кишварҳои қабулкунанда (масалан, Русия, Қазоқистон) вобастагии назаррас дорад.

**Зербахшҳои иқтисодии зерин бо сабабҳои зайл ба таври махсус баррасӣ карда мешаванд: (а) онҳо ҳамчун афзалияти рушди миллӣ ба ҳисоб мераванд; (б) онҳо барои ҷалб ва истифодаи интиқоли маблағҳо барои роҳи ба тағйиротҳои иқлим устувор имкониятҳои қавӣ пешниҳод мекунанд.**

*Соҳаи кишоварзӣ*: Ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон буда, 63%-и қувваи кориро бо фаъолияти доимӣ таъмин мекунад ва он то 21,9%-и ММД-и кишварро дар соли 2015 ташкл дод (Агентии омор, с. 2015). Дар баробари дар деҳот умр ба сар бурдани зиёда аз 2/3 аҳолӣ, даромади онҳо, ки бевосита ё бавосита аз фаъолияти кишоварзӣ ба даст меояд, соҳаи кишоварзӣ сарчашмаи асосии некӯаҳволии дар маҷмӯъ аҳолӣ ва аз ҷумла сокинони деҳот мебошад. Асоси захиравии соҳаи кишоварзӣ бо маҳдуд будани замин барои киштукор, вобастагии калон доштан ба обёрӣ ва мавҷудияти майдонҳои зиёди чарогоҳҳои дарозмӯҳлат мушаххас карда мешавад. Бино ба тавозуни замини Тоҷикистон (с. 2012), танҳо 20% (830 ҳазор гектар) аз 4.1 миллион гектари заминҳои кишоварзӣ барои зироат, аз он ҷумла 85%-и заминҳои обёришаванда (720 ҳазор гектар) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аммо, харобшавии шароити инфрасохтори обёрӣ ва заҳбурҳо, пайдошавии ботлоқзорҳо ва шӯршавии хок ба кам кардани андозаи зироат оварда расонданд. Тақрибан 1/3 заминҳои обёришавандаи корам аз сабаби хароб шудани инфрасохтор (БРСММ, с. 2016) истифода бурда намешаванд. Дар Тоҷикистон истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ то 98%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад (Агентии омор, с. 2015).

Соҳаи кишоварзӣ бузургтарин истеъмолкунандаи бахши об ба ҳисоб рафта, беш аз 90% истифодаи об дар Тоҷикистонро дар бар мегирад (БРСММ, с. 2016). Истифодаи ғайриоқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои об боиси таназзули (фарсудашавии) замин, камшавии ҳосилхезии хок, эрозияи хок (махсусан дар доманакӯҳҳо) мегардад, ки дар навбати худ оқибатҳои тағйирёбии иқлимро шадидтар мекунад. Сабаби дигари таназзули замин шумораи зиёди хоҷагиҳои хурд мебошад, ки дорои камтар аз 1 гектар заминҳои корам мебошанд, ва ин амаликунии киштгардони зироат, корҳои зидди эрозия, ва ба беҳтар намудани ҳосилхезии хокро душвор мекунад. Истифодаи технологияҳои кӯҳна барои шудгоркунӣ ва чаронидани аз ҳад зиёди чорво боиси нобудшавии растаниҳои чарогоҳҳо ва хок гардида, сабабгори таназзули замин мешаванд.

*Энергетика*: Тоҷикистон дар истеҳсоли нерӯи барқ қариб пурра ба гидроэнергетика (98%) вобастагӣ дорад. Чунин тобеият ба нерӯи об кишварро нисбати каму зиёдшавии меъёри боришот ва тағйирёбии иқлим осебпазир месозад. Ҳиссаи умумии истеҳсоли нерӯи барқ аз нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НОБ) ва гармидиҳӣ 93,9% ва 6.1%-и иқтидори умумии насб кардашударо, мутаносибан ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон (2.2–2.5 млрд кВт/с.) боиси қатъшавии таъмини барқ шуда, махсусан ба аҳолии деҳот таъсир мерасонад. Бино ба арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ, 24%-и талабот ба истеъмоли қувваи барқ дар кишвар дастрас намебошад. Аз сабаби таъминоти маҳдуди нерӯи барқ дар деҳот талафоти маҳсулнокии истеҳсолоти кишоварзӣ солона то ба 30% мерасад.

Вале, дар фасли тобистон аз сабаби зиёд будани об фаровонии нерӯи барқ (3–7 миллиард киловатт) мушоҳида мешавад, ки боиси масрафи беҳудаи об мегардад ва ин маънои талафоти иқтисодиро дошта метавонад (Агентии байналмилалии энергетика, с. 2013).

Дар айни замон ҳиссаи нерӯи барқ дар истеъмоли умумии энергетикӣ дар Тоҷикистон тақрибан 60% мебошад. Қариб нисфи тамоми нерӯи барқ аз ҷониби ширкати маҳаллии алюминий «ТАЛКО», баъдан хонаводаҳо (26%) ва бахши кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Дар фасли тобистон он барои обёрӣ низ истифода бурда мешавад (Котиботи Хартияи энергетикӣ, с. 2013). Арзиши барқ паст ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин ва аз сабаби он, ки низомҳои гармидиҳӣ ба пуррагӣ фаъолият намекунанд, барқ ба сарчашмаи асосии энергия барои гармидиҳӣ табдил ёфтааст (манбаъҳои дигар газ ва ангишт мебошанд).

Тоҷикистон ҳамчунин барои истеҳсоли энергияи офтобӣ иқтидори бузург дорад, ки он метавонад тақрибан 10–20%-и талаботи энергетикии кишварро қонеъ гардонад (ВКХ, с. 2015). Энергияи офтобӣ метавонад ҳамчун нерӯи пешбаранда ҷиҳати қонеъ кардани ҳадафҳои амнияти энергетикӣ, диверсификатсияи мувозинати энергетикаи миллӣ, инчунин таъмини имкониятҳо барои ҷомеаҳои маҳаллӣ барои истифодаи барқи берун аз шабака арзи вуҷуд намояд.

Саноат соҳаи муҳими иқтисодӣ буда, саҳми он дар ММД-и кишвар 12,8% мебошад (с. 2015). Дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса ба соли гузашта 11,2% зиёд гардидааст. Ҳиссаи соҳаҳои саноат дар истеҳсоли умумӣ инҳоро дар бар мегирад: истеҳсолот – 65,6%, барқ, газ, истеҳсол ва тақсимоти об – 20,9% ва истихроҷи маъдан – 13,5%. Истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои саноат афзоиш ёфта истодааст. Масалан, он дар бахши истихроҷи маъдан, ки истихроҷи ангишт, нафт, газ ва маъданҳои минералиро дар бар мегирад, соли гузашта то 16,5% баланд гардидааст. Агарчанде дар соҳаи нассоҷӣ, истеҳсоли либос ва истеҳсоли нафт коҳиш ба назар мерасид, тавлиди маҳсулот бо сабаби афзоиши истеҳсоли озуқа ва маъданҳои минералӣ дар маҷмӯъ ба 10,2% зиёд шудааст . Афзоиши назаррас инчунин дар истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2015 ба қайд гирифта шудааст: 3,4%, дар соҳаи барқ ва 60% дар бахши тавлиди гармӣ.

**Бахшҳои иҷтимоии зерин аз сабаби зайл мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: (а) онҳо маълумоти дахлдорро дар бораи аҳолии осебпазир ва оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин менамоянд; (б) маориф ва тандурустӣ ду қисмати асосии рушди сармояи инсонӣ ва устуворӣ мебошанд.**

**Рушди иҷтимоӣ:** Тибқи Баррасии хароҷотҳои давлатӣ дар бахши муҳити зист дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби БРСММ, солҳои 2007–2014 баргузор гардида буд, фазои молиявӣ дар Тоҷикистон (тавре хароҷоти воқеии буҷети давлатӣ муайян кардааст) аз 3,5 миллиард сомонӣ (1,02 млрд доллари ИМА) дар соли 2007 ба беш аз 13 миллиард сомонӣ (2,65 млрд доллари ИМА) дар соли 2014, қариб чор маротиба афзудааст. Махсусан, хароҷоти умумии буҷети давлатӣ аз 216 миллион сомонӣ (63,5 млн доллари ИМА) дар соли 2007 ба беш аз 1,3 миллиард сомонӣ (265 млн доллари ИМА) дар соли 2014 афзудааст. Суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ (18,5%), маориф (17,8%) ва тандурустӣ (7,4%) дар якҷоягӣ зиёда аз 43%-и буҷети давлатиро дар ташкил медиҳанд (БРСММ, с. 2016).

*Маориф:* Бино ба иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми маориф дар кишвар аз мактаби миёна (11 сол), таҳсилоти касбӣ (3 сол) ва таҳсилоти олӣ (4 сол), ки дараҷаи бакалаврро пешниҳод мекунад, иборат аст.

Меъёри фарогирӣ бо мактабҳои миёна зиёд шуда, дар соли 2014 ба 98% расид. Вале, таҳсилоти касбӣ ва олӣ, хусусан барои гурӯҳҳи осебпазири ҷомеа аслан дастнорас мебошанд. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ омӯзиши маҷҷонӣ (бепул, аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда мешавад) ва инчунин бо пардохтро (хароҷоти таҳсил ҷониби донишҷӯёни пардохта мешавад) пешниҳод менамоянд. Чун қоида, шумораи ҷойҳои аз ҷониби буҷаи давлатӣ пардохтшаванда нисбат ба ҷойҳои ғайрибуҷетӣ камтар мебошад. Гузашта аз ин, барои ҷойҳои аз ҷониби буҷети давлатӣ пардохтшаванда рақобат хеле баланд аст. Муқарраоти мазкур дастрасии гурӯҳҳои аҳолии осебпазирро ба таҳсилоти олӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Дар барбари ин, беш аз 70%-и донишҷӯёни донишгоҳҳо аз оилаҳои дорои шароити беҳтар ва 13% донишҷӯён аз хонаводаҳои камбизоат мебошанд (Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2016).

Сатҳи саводнокии пасти кишвар на танҳо аз рӯи дараҷаи пасти фарогирӣ, балки инчунин аз рӯи сифати таълим дар донишгоҳҳо муайян карда мешавад. Шумораи барномаҳои таълимӣ, ки донишгоҳҳо пешниҳод менамоянд, маҳдуд буда, дар аксари ҳолатҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ намебошанд. Масалан, тибқи омори расмӣ, тақрибан 40%-и ҳамаи хонандагон ба факултаҳои гуманитарӣ ва 30% ба иқтисодиёт дохил шудаанд. Фарогирӣ дар аксари факултаҳои ба бозор робитадошта, асосан бо сабаби шумораи маҳдуди шӯъбаҳо дар донишгоҳҳо, ба монанди кишоварзӣ ва саноат, танҳо 6.2% ва 12,7% мутаносибан мебошанд (Агентии омор, с. 2015). Дар асл, сатҳи пасти маълумотнокии насли наврас барои қонеъ намудани талабот ба кормандони баландихтисос ҷиҳати рушди иқтисодии Тоҷикистон ҷавобгӯ нест.

*Тандурустӣ:* Ҳарчанд хароҷоти давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ аз 4,15% дар соли 2007 то 7,4% дар соли 2014 (БРСММ, с. 2016) ва баъзе нишондиҳандаҳои саломатӣ қариб дучанд зиёд гардидаанд, низоми тандурустӣ дар Тоҷикистон ба сармоягузории назаррас ҷиҳати рушд ниёз дорад. Сатҳи фавти кӯдакони навзод (1000 зинда таваллудшудагон) аз 65 дар соли 2005 то 33,6 дар соли 2012 поён рафтааст. Бо вуҷуди ин, дараҷаи умумии фавти аз синни панҷсола поён ҳанӯз баланд буда, ба 42,4 ба 1000 нафар зинда таваллудшудагон баробар мебошад (Агентии омор ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012). Бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемориҳои тавассути об гузаранда, дар соли 2015

нисбат ба соли гузашта ба 8% афзоиш ёфтаанд, дар ҳоле ки бемориҳои гепатити шадиди вирусӣ ва сирояти шадиди рӯда, мутаносибан 8,5% ва 73,3% аз ҳаҷми умумии беморшавиро ташкил медиҳад. Эҳтимолияти сабаби он сифати паст ва ё норасоии об дар деҳот мебошад. Норасоии мунтазами ғизо то ҳол ба 26%-и аҳолӣ таъсири худро мерасонад ва норасоии шадиди ғизо (олиготрофия) 10%- кӯдакони синнашон аз панҷсола поёнро таҳти асари худ қарор медиҳад (Стратегияи миллии рушд, с. 2016–2030). Бисёр занон ва кӯдакон низ аз норасоии микроэлементҳо азият мекашанд ва ин ҳолат дар дараҷаи баланди камхунӣ ва норасоии йод инъикос меёбад. Илова бар ин, дастрасии аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ба хизматрасонии тиббӣ маҳдуд аст. Бино ба маълумоти омор, дар кишвар шумораи хеле ками беморхонаҳо – танҳо 444 (с. 2012) бо 47,7 кати беморхона барои 10 000 аҳолӣ асосан дар шаҳрҳо мавҷуд аст. Кишвар инчунин нисбати бемориҳо дар ҳолати пасти огоҳии ҷамъиятӣ қарор дорад. Масалан, танҳо дар 42%-и занон дар бораи саратони гарданаки бачадон маълумот доранд ва танҳо 48%-и онҳо роҷеъ ба саратони сина шунидаанд (Агентии омор ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012). Шумораи одамони маълумотдор дар бораи хавфҳои сабабҳои иқлимидошта, ба монанди бемориҳои тавассути об гузаранда, сироятӣ ва мавҷҳои гармо (TNC, с. 2014) боз ҳам камтаранд.

Мушкилотҳои дар боло номбаршуда марбут ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф нисбати рушди устувори инсон дар кишвар монеа эҷод карда истодаанд, ки аҳолии осебпазиртаринро берун аз маркази таваҷҷӯҳ қарор медиҳан.

Камбизоатӣ ва шуғли аҳолӣ: Дастоварди назарраси Тоҷикистон дар давоми 15 соли охир – тавоноии он ҷиҳати ба таври назаррас кам кардани камбизоатии васеъ паҳншуда аз 81% дар соли 1999 то 36,4% дар соли 2014 ва минбаъд ба 32% дар соли 2015 мебошад.

Ба таври васеъ итминон ҳосил шудааст, ки натиҷаи сиёсатҳо нисбати паст кардани сатҳи камбизоатӣ кишварро тавассути интиқоли маблағҳо ҳамчун саҳми асосӣ дар ММД дар ҷойи намоён қарор дод. Камбизоатӣ дар кишвар асосан дар деҳот ба назар мерасад ва тақрибан аз панҷ чор нафари мардуми камбизоат дар деҳот зиндагӣ мекунанд (Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2015). Тақрибан 60%-и аҳолӣ дорои синни корӣ буда, танҳо қариб 43% ҳамчун одамони машғули кор (с. 2015), аз ҷумла нисфи онҳо ба сифати худиштиғолон (худкорон) сабт карда шудаанд. Зиёда аз 60%-и шумораи умумии одамон дар соҳаи кишоварзӣ машғул мебошанд, дар ҳоле ки дигарон дар бахшҳои хизматрасонӣ ва саноат кор мекунанд. Музди миёнаи номиналии ҳармоҳа дар саросари кишвар ба 117 доллари амрикоӣ дар як моҳ, бо баландтарин маоши миёна дар сохтмон (280 доллари ИМА) ва ҳадди ақали музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ (35 доллари ИМА) баробар мебошад (Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2015). Маоши миёна низ дар Тоҷикистон дар саросари вилоятҳо, бо баландтарин дар шаҳри Душанбе (тақрибан 220 доллари ИМА дар як моҳ); Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки бештари онҳо дар наздикии пойтахт ҷойгиранд (~ 125 доллари ИМА); ВМКБ (~ 116 доллари ИМА); Суғд (~ 110 доллари ИМА) ва Хатлон (~ 90 доллари ИМА) гуногун мебошанд.(Агентии омор, с. 2015). Нархҳо ба таври умум, дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳо поёнтаранд. Аз ин рӯ, маоши миёна бевосита сатҳи осебпазирии аҳолиро инъикос намекунад.

Ҳарчанд Тоҷикистон дар роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ корҳои назаррасро анҷом додааст, нисбати паст кардани сатҳи камбизоатии новобаста аз пул корҳои камтар анҷом дода шудааст. Маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ изҳор медоранд, ки ҳанӯз ҳам дастрасӣ ба таҳсил (миёна ва олӣ), хизматрасониҳои гармидиҳӣ ва корезӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Тақсимоти нобаробари хизматрасониҳои мазкур вобаста ба сатҳи даромад ва маҳал фарқ мекунад. Камбизоатӣ аҳолии деҳотро водор месозад, ки захираҳои заминро ба таври интенсивӣ истифода баранд, чорворо дар заминҳои чарогоҳҳои хеле ҳассос дар нишебиҳои кӯҳ чаронанд, дарахтонро буранд ва шикори ғайриқонунӣ анҷом бидиҳанд (Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2015).

# 3. Осебпазирии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим

Дар айни замон Тоҷикистон дорои иқтидори пасти мутобиқшавӣ ба таъсири иқлим ва вобастагии васеъ аз хатарҳои офатҳои табиӣ мебошад. Бештари қаламрави кишвар ҳамчун хушк ва нимхушк арзёбӣ гардидаанд. Кишвар шароити иқлими континенталӣ, ки бо пасту баландшавии шадид дар ҳарорати ҳаррӯза ва мавсимӣ ифода меёбад, бо шиддатнокии баланди радиатсияи офтобӣ, хушкшавии, фарогирӣ бо абрҳои паст, ва тақсимоти нобаробари боришоти мавсимиро доро мебошад.

Илова бар ин, сохтори релефи мураккаб бо гуногунии назарраси қуллаҳои баланд иқлими маҳаллии беназирро бо зиёд будани фарқиятҳои ҳарорати ҳаво ба миён меорад. Боришот ба ҷойгиршавӣ ва мавқеияти (ориентатсияи) қаторкӯҳҳо ва гардиши ҳаво вобастагӣ дорад. Боришоти миёнаи солона дар биёбонҳои тафсони ҷануби Тоҷикистони ва биёбонҳои сарди баландкӯҳҳои Помири шарқӣ аз 70 то 160 мм фарқият дорад, дар ҳоле ки боришот дар Тоҷикистони марказӣ метавонад аз 2000 мм зиёд бошад. Ҳарчанд июл моҳи гармтарин ва январ сардтарин аст, ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво ба таври васеъ аз +6 то + 17 ° С дар водиҳо ва доманакӯҳҳо то ҳарорати шадиди солона наздик ба сифр дараҷа селсий ва баладшавӣ то ба + 8 ° С дар баландиҳои камтар фарқ мекунад. Иқлими Помири шарқӣ, ки дар он ҳарорати миёнаи ҳаво дар ҳудуди аз -1 то -6 ° С дар як мебошад, хеле шадид аст ва ҳарорати сардтарин (-63 ° С) дар Булункул ба қайд гирфиташудааст. Танҳо 1% аз қаламрави кишвар ба сифати дорои рутубати кофӣ (1500 мм дар як сол) ба шумор меравад (TNC, с. 2014).

Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодии Тоҷикистон (тақрибан 22%-и ММД-и кишвар) буда, аз сабаби вобастагии бевосита доштан аз обу ҳаво, табиат ва шароити замин ба тағйирёбии иқлим осебпазиртарин ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, соҳа асосан ба аҳолии деҳот тааллуқ дорад, ки ба таври умум захираҳои молиявии кофӣ барои тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро надоранд.

Аз сабаби иқлими хушк, Тоҷикистон аллакай аз ҳосилнокии пасти кишоварзӣ, мушкилоти об ва талафоти баланд аз офатҳои табиӣ зарар дидааст. Хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ Тоҷикистонро осебпазиртарин нисбати тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ, аз ҷумла ба тамоюлоти иқлим ҳассос ва бо иқтидори пасти мутобиқшавӣ месозад (Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2015). Таъсири тағйирёбии иқлим аллакай дар Тоҷикистон возеҳ аст. Кишвар метавонад то ба 500 офатҳои табиӣ гирифтор шавад, ки дар натиҷаи онҳо аз 20 то 100 миллион доллари ИМА талафот ва хисорот ба миён меояд. Обшавии пиряххо, тағйирёбии маҷрои дарёҳои асосӣ ва таъсири онҳо ба тавлиди гидроэнергетика ва кишоварзӣ танҳо якчанд мисоланд дар байни падидаҳои зиёди таъсири тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон. Дар ҳоле, ки дар даҳсолаҳои охир майдони умумии пиряххо 6%-и қаламрави кишварро ташкил медоданд, соли 2013 ин ҳисоб ба 5% баробар шуд. Масалан, имрӯзҳо пиряхи бузургтарин – Федченко ба ҳуҳуди 1 километр хурд шудааст. Бо ин суръат, дар асоси пешгӯии тахминӣ, пиряххо метавонанд 20%-и ҳаҷми худро то соли 2050 гум кунанд. Ин боиси тағйирот дар дастрасии об ва маҷрои он мегардад. Масалан, камшавии маҷрои дарё дар ҳавзаи баҳри Арал, ки ба андозаи зиёдтарин сарчашмаашро аз Тоҷикистон мегирад, имрӯзҳо 53 километри мукаабро ташкил медиҳад, ки аз панҷоҳ сол пеш 4 километри мукааб камтар аст. Хавфҳои иқлимӣ ба таври ҷиддӣ рушди соҳаи кишоварзиро суст, ҳосилнокии хокро хароб карда, боиси ба миён омадани офатҳои табиӣ ва таназзули (деградатсияи) замин мегардад. Хушксолии солҳои 2001–2002 боиси пастшавии ҳосили зироат ба андозаи 30–40% дар минтақаҳои кишоварзии хушки Тоҷикистон гардид, дар ҳоле ки хушксолии соли 2008 ба 40% пастшавӣ оварда расонд (TNC, с. 2014).

**Чаҳоркунҷаи 2. Офатҳои табии миёнаи солона, с. 2005–2014**

Тоҷикистон бо таҳдидҳои мунтазами офатҳои табиӣ, аз ҷумла иқлимӣ дучор мешавад. Дар давоми солҳои 2005–2014, фаромадани тарма ва омадани сел офатҳои табии зуд зуд рӯйдиҳанда ба ҳисоб мерафтанд. Барои ҳамин давра, сел ба ҳисоби миёна ба мабаҒи 18,8 миллион доллари ИМА зиёни расман ба қайд гирифта расонидааст, ки аз ҳама намуди дигари офатҳои табии дар Тоҷикистон ба амаломада, баъд аз обхезӣ (ба ҳисоби миёна 2,8 млн доллари ИМА/солона) бузургтар мебошад.




*Сарчашма: Таҳкими иқтидор дар соҳаи идоракунии хавфи офатҳо ва вокуниш ба онҳо, санади лоиҳавӣ, БРСММ дар Тоҷикистон, с. 2016*

Мушоҳидаҳои дарозмуддати Шӯрои байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (ШБТИ) афзоиши тағйирпазирии иқлими Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Пайдарҳамии солҳои хеле гарм ва хушк, ки пас аз сардии шадид оғоз мешаванд, хусусияти назарраси иқлим шуда истодааст. Сарфи назар аз номуайяниҳои баланд, бештар боришоти шадид ва ногаҳонӣ, ки боиси обхезӣ ва хушксолиҳои батакрор дар кишвар мегарданд, пешгӯӣ гардидаанд (ШБТИ, с. 2014).



# 4. Заминаи муҳоҷирати меҳнатӣ

Ҳолати имрӯзаи рушди иқтисодии Тоҷикистон аксаран ҳамчун омили пешбарандаи асосии муҳоҷирати меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад. Имкониятҳои маҳдуди шуғл ва даромад муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун стратегияи густурда ва самаранок ҷиҳати рафъи мушкилот барои аксари гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоати аҳолӣ месозад. Дар асоси маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ, қариб 40%-и қувваи кории Тоҷикистон имкониятҳои шуғлро берун аз кишвари хеш меҷӯянд. Муҳоҷирони меҳнатӣ то 10–12% аҳолии умумии Тоҷикистон ва тақрибан 20–25%-и аҳолии марди қобили меҳнати синни 18–40 соларо ташкил медиҳанд (Попов, с. 2015).

Тадқиқоти Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) дар соли 2010 чор навъи асосии муҳоҷиронро муайян кардааст: (i) муҳоҷирони дарозмуддат, ки зиёда аз ду сол берун аз Тоҷикистон қарор дошта, дар ин муддат бо хонаводаашон боздид ба амал наовардаанд; (ii) муҳоҷирони дарозмуддат, ки зиёда аз ду сол берун аз Тоҷикистон қарор доштаанд, вале бо хонаводаҳои худ якчанд бор боздидҳои кӯтоҳ ба амал овардаанд; (iii) муҳоҷирони кӯтоҳмуддат, ки берун аз Тоҷикистон якчанд моҳ зиндагӣ мекунанд ва барои якчанд моҳи дигар ба хонаҳояшон бармегарданд (мавсимӣ); (iv) чанде пеш (камтар аз 2 сол пеш) аз Тоҷикистон муҳоҷират кардаанд. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба категорияҳои 2 ва 3-юм (35% ва 34% мутаносибан) меафтанд.

Федератсияи Россия самти асосии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон мебошад, ки беш аз 90%-и муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро дар бар мегирад. Дигар қисми муҳоҷирони меҳнатӣ ба Қазоқистон ва дигар кишварҳо мераванд. Интихоби ин кишварҳо ҳамчун ҷои кор ба якчанд омилҳо асос ёфтаанд, ба монанди: маоши баландтар нисбат оне, ки дар кишвар пешниҳод карда мешавад, давраи собиқи Шӯравӣ, ки мутобиқшавиро ба муҳити Русия осонтар мекунад ва мавҷудияти ҷомеаи тоҷикон, ки дорои муносибатҳои барқароркарда мебошанд. Дар Тоҷикистон муҳоҷират динамикаи мавсимӣ дорад. Фаслҳои баҳор ва тобистон ҳамчун давраи авҷи сафари муҳоҷирон ва бозгашти аксари онҳо ба ватан дар охири сол ба шумор меравад. Ин сатҳи баланди сафари муҳоҷирони меҳнатӣ, воқеан бо воридоти интиқоли маблағҳо мутобиқат дорад (Вазорати рушди иқтисод ва савдо, с. 2013).

Муҳоҷират инчунин падидаи зиёд шудаистодаи омилҳои гендериро ба ҳисобгиранда дар Тоҷикистон мебошад. Мардон шумораи зиёди муҳоҷиронро ташкил медиҳанд, агарчанде ки тайи солҳои охир шумораи занони аз марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ сафаркунанда аз 11,8% дар соли 2010 то 15,8%-и теъдоди муҳоҷиронро дар соли 2015 ташкил додааст (маълумоти дохилӣ аз Вазорати меҳнат, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират). Чун анъана, дар Тоҷикистон занон барои нигоҳубини оила масъул буда, берун аз хона кор намекунанд, ба ғайр аз маблағҳои ба дастовардаи шавҳаронашон дигар манбаи даромад надоранд. Ҳангоми набудани шавҳаронашон, занон одатан бо оилаи шавҳари худ зиндагӣ мекунанд ва аксаран метавонад интиқоли маблағи фиристодаи шавҳаронашонро, ки дар хориҷи кишвар кор мекунанд, талаб намоянд (САҲА, с. 2012).

Сафар кардан ба мақсади муҳоҷират дар солҳои охир то соли 2014 тамоюли зиёдшавӣ дошт, ҳангоме ки шумораи муҳоҷирон ба таври назаррас тақрибан 11% дар соли 2015 ва 13% дар муқоиса ба соли 2013 кам шуда буд. Боиси ин сустшавӣ бӯҳрони иқтисодӣ дар кишварҳои қабулкунанда дар натиҷаи ихтисори ҷойҳои корӣ мебошад. Бино ба маълумотҳои омори миллии Тоҷикистон шумораи ба қайд гирифташудаи муҳоҷирони аз кишвар берунрафта дар соли 2015 ба 552 576 нафар баробар буд, ки аз маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Федералии Федератсияи Русия оид ба шумораи шаҳрвандони муҳоҷираткардаиТоҷикистон, аз ҷумла онҳое, ки дорои ду шаҳрвандӣ мебошанд (990 275 дар соли 2015), ду баробар кам аст. Чунин тафовут дар нишондиҳандаҳоро бо ин далел метавон шарҳ дод, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 400 000 нафар шаҳрвандони Тоҷикистонр, ки қаблан шаҳрвандии Русияро дар доираи созишномаи мавҷуда дар бораи шаҳрвандии дугона ба даст оварда буданд, ба ҳисоб нагирифтаанд. Вале, дар соли 2016, аз рӯи маълумоти омори Федератсияи Русия (апрели с. 2016), шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз нав зиёд шудааст (878 536 шаҳрванди тоҷик, аз ҷумла 727 330 нафар мард ва 151 206 нафар зан) (Форуми созмонҳои муҳоҷират, с. 2016). Равшан аст, ки шаҳрвандии Русия муҳоҷиронро бо имкониятҳои баландтар барои пайдо кардани кори арзанда ва гирифтани маоши баландтар таъмин мекунад, ки дар навбати худ ин маънои интиқоли бештари маблағҳо ба Тоҷикистон аз ин гурӯҳи муҳоҷиронро дорад .

дар асоси кортҳои муҳоҷирати пур кардашуда, ба ҳолати 01.12.2016, 569 860 шаҳрвандон аз кишвар берун рафтаанд, ки аз онҳо 498 315 нафарашон муҳоҷирони меҳнатӣ буданд (419 725 нафар мардон, 78 590 нафар занон). Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 54 281 нафар камтар (коҳиш ба андозаи 10%) буд. Боиси зикр аст, ки аз шумораи умумии муҳоҷирон 486 905 нафар ба Федератсияи Россия ва 11 410 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кардаан. Ҳамзамон, 401 021 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ватан баргаштаанд, ки 12 428 нафар (ё 3%) аз ҳамин давраи соли гузашта бештар мебошад.

Тақрибан 89%-и муҳоҷирони меҳнатӣ мунтазам ба хешовандон ва хонаводаҳои худ дар Тоҷикистон маблағ равон мекунанд (СБМ, с. 2010). Аксарияти оилаҳо ҳадди ақал ҳар 3 моҳ интиқоли маблағ қабул мекунанд. Маълумоти ҷамъоваришуда собит месозад, ки давомнокии муҳоҷират ҳар қадар дароз бошад, эҳтимолияти равон кардани маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамон қадар зиёд мешавад (Керн Ҷ. Магаллон Д, с. 2014). Баъд аз соли 2013 асосан бино бар сабаби коҳиши суръати рушди иқтисодӣ дар Русия ва қатъитар шудани сиёсати назорати муҳоҷират ҷараёни муҳоҷират ва сатҳи интиқоли маблағҳои ба ватан фиристодашаванда поён рафтааст. Муқоисаи афзоиши ММД-и Тоҷикистон ва Русия дар муқобили ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатии тоҷик нишон медиҳад, ки ҳар сеи ин омилҳо бо ҳам вобастагӣ доранд (расми 1). Айни замон тағйиротҳо дар интиқоли маблағҳо ба тағйиротҳо дар ММД-и солона дар Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мувофиқат мекунанд. Баландтарин вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон дар 2014–2015, вақте ки рукуди иқтисодӣ дар Русия ба рушди кишвари қабулкунанда таъсир расонид, мушоҳида карда шудааст. Дар ин ду сол рушди иқтисодии Тоҷикистон аз 7,4% то 6.0% дар муқоиса ба соли 2013 бо пастшавии назаррас ба андозаи 30% дар арзиши интиқоли маблағҳо асосан бо сабаби таназзули иқтисодӣ дар Русия ва беқурбшавии рубли русӣ поён рафтааст.

**Расми 1. Таҳлили вобастагии иқтисодӣ барои солҳои 2010–2015**




*Сарчашма: Иқтисодиёти тиҷорат 2016: Тоҷикистон ва Руссия*

Бино ба маълумоти байниидоравии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, арзиши умумии интиқоли маблағҳо дар Тоҷикистон ба 30% дар соли 2015 нисбат ба соли 2013 коҳиш ёфтааст.

**Расми 2. Динамикаи воридшавии интиқоли маблағ ба Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015, млрд доллари ИМА**




*Сарчашма: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, с. 2016*

Коҳиши интиқоли маблағ аз нигоҳи доллари ИМА дар соли гузашта бо сабаби кам шудани даромади муҳоҷирони меҳнатӣ бо доллари ИМА вобаста буд, дар навбати худ он ба суст шудани қурби рубли русӣ ва камшавии шумораи муҳоҷирон (асосан ихроҷшудагон, ки барояшон сафар ба Русия манъ карда шудааст) алоқа дошт. Камшавии даромади муҳоҷирон ва гирандагони интиқоли маблағҳо боиси камшавии талаботи умумӣ гардид, ки натиҷаи камшавии интиқоли маблағҳо мебошад. Назар ба маълумотҳот Бонки миллии Тоҷикистон, маблағи умумии интиқолҳои пулии қабулшуда дар Тоҷикистон дар соли 2013 зиёда аз 4 миллиард доллари ИМА буд ва ин интиқолҳо дар 10 соли охир муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ, сарчашмаи муҳими даромад буданд ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири назаррас доштанд. Афзоиши ММД дар посух ба кам гардидани воридоти интиқоли маблағҳо ба таври назаррас суст шуд. Аз рӯи натиҷаҳои соли 2016 ҳаҷми интиқоли маблағҳо нисбат ба соли 2015 аз 1,2 миллиард доллари ИМА ба 1,9 миллиард доллар ИМА зиёд шудааст. Чунин афзоиши назарраси интиқоли маблағҳо, шояд ба болоравии нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ, ашёи хоми асосии содиротии Федератсияи Россия ва инчунин натиҷаи таҳкими иқтисоди ФР алоқаманд бошад. Ин тамоюл, бори дигар вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистонро аз омилҳои берунӣ, аз ҷумла, вазъи иқтисодӣ дар ФР тасдиқ мекунад.

Бино ба таҳқиқоти Созмони Байналмилалии Меҳнат (с. 2010), аксарияти муҳоҷирон (87%) интиқоли маблағҳояшонро тавассути каналҳои расмӣ – бонкҳо ва операторони интиқоли маблағ (ОИМ), 12% тавассути дӯстон ва ё шахсони дигар, ки ба Тоҷикистон сафар мекарданд ва 1%-и муҳоҷирон шахсан ҳангоми бозгашт ба хона ҳамроҳи худ овардаанд, амалӣ гардидааст. Аслан, қисми бештари ин маблағҳо тавассути ОИМ-ҳо, ки дар бонкҳо нуқтаҳои хизматрасонӣ доранд, равон карда шудаанд, на аз тариқи интиқоли аз ҳисоб-ба-ҳисоб (СБМ, с. 2010). Дар асоси маълумоти Бонки ҷаҳонӣ аз соли 2014, 90%-и ҳамаи амалиётҳои интиқоли маблағ аз Русия анҷом дода шудаанд. Бино ба маълумотҳои Бонки марказии Федератсияи Русия, дар соли 2014 3,83 миллиард доллари ИМА ба Тоҷикистон аз Русия тавассути ОИМ-ҳо равон карда шудаанд (Попов, с. 2015). Бо вуҷуди ин, дар соли 2016 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тартиби амалиёти асъорӣ тағйирот ҷорӣ кард, ки дар он гуфта мешавад, маблағҳои интиқол додашуда танҳо бо асъори миллӣ, яъне сомонӣ дода мешаванд. Қурби асъор ба манфиати қабулкунандагон нест, ин дар навбати худ истифодаи интиқоли расмии бонкиро коҳиш медиҳад. Мусоҳиба бо пурсишшудагони асосӣ нишон медиҳад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ фиристодани пули нақдро ба таври васеъ тавассути дӯстон ва хешовандоне, ки ба Тоҷикистон бармегарданд, амалӣ мекунанд. Бо назардошти ҳаҷми интиқоли маблағҳои фиристодашуда ва сатҳи баланди коррупсия, ин амали бехатар нест, зеро интиқоли маблағҳо метавонад ба истифодабарандагони ниҳоӣ саривақт ва ё дар ҳаҷми пурра омада нарасанд.

# 5. Сохтори интиқоли маблағҳо

Сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ, тавре маълумоти дастрас изҳор медорад, набудани имкониятҳои шуғл ва даромад дар кишвар мебошад. Тавре баъзе таҳқиқотҳо тасдиқ мекунанд, набудани сиёсати дақиқ дар соҳаи муҳоҷират ва истифодаи интиқоли маблағҳо ба он мусоидат мекунад, ки хароҷоти маблағҳои фиристодашуда барои тадбирҳои мутобикшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ба мисли сармоягузорӣ ба дигар навъҳои барномаҳо истифода бурда намешаванд. Ҳиссаи асосии интиқоли маблағҳо асосан барои молҳи ниёзи хонавода харҷ карда мешавад: хӯрок, либос, молҳои истеъмолӣ, тӯйҳо ва маросимҳои дафн (ББО, с. 2015). Дар робита ба ин, таъмири манзил миқдори зиёди масрафро, аслан чун натиҷаи офатҳои табиӣ ба монанди обхезиҳо ва сел, талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, дар давоми солҳои охир, муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳо ба инфрасохтори маҳаллӣ (об, газ, роҳҳо ва ғ.), ифтитоҳи соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои хурд ва миёна, ба монанди мағозаҳо, меҳмонхонаҳо, тарабхона ва қаҳвахонаҳо, инчунин хоҷагиҳои ҷамоавӣ, ки дар онҳо хонаводаҳо сабзавот, мева ва дона барои содирот омода мекунанд, сармоягузориро оғоз кардаанд. Дар бисёр мавридҳо маблағҳои интиқол додашуда дар суратҳисобҳои амонатӣ гузошта мешаванд. Вале, ин натиҷаи кӯтоҳмуддат медиҳад, зеро ки маблағ ба зудӣ одатан ба тарви накдӣ барои эҳтиёҷоти хонаводагӣ бозмеградад (Рязантсев ва Боженко, с. 2014). Азбаски маблағҳои интиқолкардаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба қадри кофӣ ҷиҳати истеъмоли рӯзмарраи хонавода сарф карда мешаванд, метавон гуфт, ки саҳми маблағи интиқол додашуда дар рушди корхонаҳои хурд маҳдуд аст. Аз тарафи дигар, бино бар сабаби он ки ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои ба Тоҷикистон амалӣ кардашуда назаррас мебошад, он дар рушди иқтисодӣ, аз ҷумла таъсиси имкониятҳои пайдо намудани кор ва худиштиғолӣ саҳми бузурги худро гузошта метавонад, ба шарте, ки қисми асосии интиқоли маблағҳо ҷиҳати рушди корхонаҳои хурд равона карда шаванд. Масалан, дар водии Рашт, Барномаи рушди СММ 15 лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро [арзишашон аз 9000 доллари ИМА то 10,000 доллари ИМА] бо ҷалби маблағҳои интиқолшуда



ба андозаи то 5, 200 доллари ИМА дар шакли пули нақд татбиқ кардааст, ки ҳадафҳои лоиҳа ба ин восита ба андозаи 17% зиёдтар ба даст оварда шудаанд. Ба таври васеъ итминон ҳосил шудааст, ки саҳмгузорони асосӣ инҳо мебошанд: (а) дастгирии молиявӣ ва ғайра [масалан: пайдо кардани кор дар Русия] муҳоҷири меҳнатии эҳтимолӣ аз ҳамтоёни худ (аъзоёни ҷомеа); ва (б) омӯзиш дар бораи банақшагирии буҷети оила, ки барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои фаҳмондани манфиатҳои пасандозҳо барпо карда мешаванд. Ташаббуси ба ин монанд дар водии Зарафшон амалӣ карда шуда буд, аммо лоиҳаҳо хеле хурдтар, дорои арзиши то 2,500 доллари ИМА буданд. Тавре муҳокимаҳои минбаъдаи БРСММ бо ҷамоатҳо нишон доданд, фарқи асосӣ дар эътимоди муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар водии Зарафшон ва дигар минтақаҳои кишвар ду шарти асосӣ барои ҷалби маблағҳои интиқол додашударо қайд карданд: (а) барои як бунёди эътимод – канали ба таври шаффоф идорашаванда барои интиқоли маблағҳо зарурат ба миён омадааст, (б) маблағҳои интиқол додашуда бояд дар ҷамоатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ аз он ҷоянд, сарф карда шаванд.

Тадқиқоти Созмони Байналмилалии Меҳнат нишон дод, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ба хонаашон тақрибан 47% даромади худро ирсол мекунанд. Тақрибан 33%-и даромади муҳоҷирон дар кишвари қабулкунанда (масалан Русия) сарф карда мешавад, ва тақрибан 15% дар кишвари муҳоҷират (масалан Русия), амонат гузошта мешавад. Ҳамзамон, қабули қарорҳо оид ба сармоягузорӣ дар хориҷи кишвар фарқ мекунад. Тақрибан 66%-и хонаводаҳо ҷиҳати истифодаи маблағҳои интиқол додашуда новобаста аз муҳоҷирон қарор қабул мекунанд. Дар 20% -и ҳолатҳо қарор муштарак қабул карда мешавад (муҳоҷирон ва хонаводаҳои онҳо) ва дар 14%-и ҳолатҳо муҳоҷири меҳнатӣ доир ба чӣ тавр сармоягузорӣ кардан танҳо қарор қабул мекунад (СБМ, с. 2010). Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот оид ба интиқоли маблағ ба Тоҷикистон, ба ҳисоби миёна, он метавонад хароҷоти истеъмолии 10%-и хонаводаҳои шаҳрӣ ва 15%-и хонаводаҳои деҳотро фаро гирад. Аз ин рӯ, арзёбӣ гардид, ки беҳбудии оилаҳои гирандаи маблағҳои интиқолӣ аз оилаҳои миёнаи кишвар ба таври умумӣ баландтар буд (Данзер ва Иванченко, с. 2010).

Ҳарчанд, ки интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври назаррас ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мусоидат мекунад, онҳо асосан барои маблағгузории ниёзи истеъмолӣ, ба ҷои ҳавасмандгардонии истеҳсолоти миллӣ, густариши соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои нави корӣ истифода бурда мешаванд. Бо вуҷуди ин, адабиётҳо оид ба истифодаи маблағҳои интиқолӣ нишон медиҳанд, ки пасандозҳои хурд аз интиқоли маблағҳо то ҳол ба бахши молиявӣ расмӣ ҷорӣ шуда истодаанд. Ба ғайр аз пӯшонидани хароҷот барои эҳтиёҷот, онҳо барои манзил, замин, таҳсилот ва соҳибкории хурд сарф карда мешаванд (СБМ, с. 2007). Тадқиқоти СБМ оид ба интиқоли маблағҳо нишон медиҳад, ки тақрибан 21%-и хонаводаҳо то 81–100%-и маблағҳои интиқолиашонро барои талаботи истеъмолӣ сарф мекунанд. Бо истифода аз усули миёнавазн, арзёбӣ гардид, ки ба ҳисоби миёна 57%-и маблағҳои интиқолӣ ба талаботи истеъмоли фаврӣ сарф карда мешаванд; 12%-и маблағҳои интиқолӣ ба муддати камтар аз шаш моҳ ба амонат гузошта мешаванд (пасандозҳои кӯтоҳмуддат) ва 11%-и онҳо ба мӯҳлати зиёда аз шаш моҳ (пасандозҳои дарозмуддат) ба амонат гузошта мешаванд (СБМ, с. 2010). Ин маълумот нишон медиҳад, ки, ба дараҷаи назаррас, гирандагони маблағҳои интиқолӣ аз онҳо вобастагии сахт доранд ва ба ноустувории даромад тамоюл доранд.

Нуктаи дигари мавриди ёдоварӣ ҷанбаи манфии иҷтимоӣ ва равонии хонаводаҳоест, ки аъзоёни онҳо дар хориҷи кишвар кор мекунанд. Дар аксари ҳолатҳо, сардори оила, яъне падар хонаводаро тарк карда, барои ба даст овардани маблағ ба хориҷи кишвар сафар мекунад. Ин вазъият нигаронии зиёди оилаҳои дар ватан мондаро ба миён меоварад, зеро занон маҷбур мешаванд, ки нисбати оилаҳои худ масъулияти бештарро ба зимма гиранд. Махсусан, дар хонаводаҳое, ки сарчашмаи иловагии даромад кишоварзӣ мебошад (хоҷагиҳои ҷамоавӣ) занон бояд машғули таълиму тарбияи кӯдакон шаванд, инчунин назорати раванди кишоварзиро низ ба зиммаи худ гиранд. Ба хотири дастгирии модарон кӯдакон низ дар саҳро аз синну соли барвақт ба кор оғоз мекунанд ва аз пайи гирифтани маълумоти олӣ намешаванд. Бо назардошти он ки муҳоҷирони меҳнатӣ асосан дорои синну соли ҷавон мебошанд, метавон гуфт, ки аҳолии ҷавон ба муҳоҷирати меҳнатӣ афзалият медиҳанд, на ба гирифтани маълумоти олӣ (Маркази иттилоотӣ ва тадқиқоти SocService, с. 2010).

# 6. Сиёсат ва тадбирҳо дар соҳаи рушд

## 6.1 Стратегия ва нақшаҳои рушди миллӣ

Таҳлили стратегияи асосӣ ва нақшаҳо оид ба тадбирҳое, ки аллакай аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар робита ба муҳоҷират ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим андешидаанд, маълумот пешниҳод менамояд.

Дар соли 2007 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушд (СМР, с. 2007–2015)-ро ҷиҳати муайян намудани афзалиятҳо ва амалҳои давлатӣ барои давраи то соли 2015[4] қабул кард. Стратегияи ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз ҷумла, ба рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар намудани таъминоти иҷтимоӣ, тарғиби устувории муҳити зист ва баробарҳуқуқии марду зан дар қатори дигар омилҳо равона карда шудааст. Дар маҷмӯъ, СМР (с. 2007–2015) ҳамчун санади хеле муҳим бо таваҷҷӯҳи хосса ба рушд, на ба масъалаҳои рушди устувор баррасӣ карда шуда буд. Рушди босуботи иқтисодӣ ва пастшавии назарраси сатҳи камбизоатӣ дар байни дастовардҳои асосии СМР (с. 2007–2015) мебошанд. Бо вуҷуди ин, афзоиши ММД дар давоми солҳои 2014–2015 ноустуворӣ ва вобастагии баландро аз омилҳои иқтисодиёти беруна нишон дод. Ғайр аз ин, СМР ҷанбаҳои тағйирёбии иқлим, оқибатҳои он ва тадбирҳои мутобиқгардониро ба ҳисоб нагирифтааст.

Дар асоси дастовардҳо ва сабақҳо, ки аз натиҷагирии татбиқи СМР (с. 2007–2015) ба даст омадаанд, СМР-и нав барои солҳои 2016–2030 аз санади пешина аз бисёр ҷиҳатҳо фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, ба он Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва ӯҳдадориҳои байналмилалии кишварро, ки аз ҷониби иҷлосияи 70-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ гардидаанд, ба инобат мегирад. Дуюм, лоиҳаи стратегия ҳадафҳои ниҳоии рушди дарозмӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии он дар асоси рушди иқтисодӣ ва инсонии устувор муайян менамояд. Бо мақсади расидан ба ҳадаф, стратегия ба беҳтар намудани ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар равона карда шудааст. Ҷиҳатии таъмини некӯаҳволии аҳолӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, проблемаҳои экологӣ ҳамчун ҷанбаи муҳим, махсусан дар минтақаҳои деҳот ва дар шароити коҳишдиҳӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим баррасӣ карда мешаванд. Ин самтҳо барои СМР дорои аҳамияти бузург мебошанд.

**Чаҳоркунҷаи 3. СМР (с. 2007–2015): Дастовардҳои асосӣ**

- Сатҳи камбизоатӣ аз 53% дар соли 2007 то 32% дар соли 2014 ду баробар кам шудааст;
- Рушди иқтисодии устувор ба ҳисоби миёна 7% дар як сол таъмин карда шудааст;
- Суботи макроиқтисодӣ ба даст омда, таваррум ба як рақам кам карда шудааст;
- Даромад ба таври назаррас афзоиш ёфт; амалиётҳои буҷет имконпазир шуданд, ки ба мутамарказгардонии захираҳои бештар ҷиҳати рушди нерӯи инсонӣ имконият медиҳанд.

*Сарчашма: СМР (с. 2016–2030)*

Стратегия се самти асосиро, ки бояд дар маркази диққат бошад, аз ҷумла таҳкими иқтидори институтсионалии кишвар, рушди сармояи инсонӣ ва муқаррароти рушди иқтисодиро муайян кардааст. Аммо, мушкилоти экологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва ҷанбаҳои муҳоҷират дар стратегия бевосита ба инобат гирифта нашудаанд, натиҷаҳои мавриди интизор ё нишондиҳандаҳо барои беҳтар намудани заминҳои кишоварзӣ, идораи захираҳои об, шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҷойгир карда нашудаанд.

4 Барои матни пурраи стратегияи лутфан ба ин ҷо нигаред *http://planipolis.iiep.unesco.org/upload/Tajikistan/Tajikistan-Dev-Report-2007(MDGs). pdf*

Таҳкими иқтидори институтсионалӣ асосан ба беҳтар кардани идоракунӣ ва қоидаҳои маъмурӣ равона гардидааст. Ягона чизе, ки вобаста ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар стратегия зикр шудааст, таҳияи сиёсати миллӣ оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ ҳамчун стратегияи дарозмӯҳлат мебошад.

Яке аз ҳадафҳои рушди иқтисодии стратегия гузариш аз иқтисоди аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ мебошад, ки ба рушди соҳаи саноат дарояндаи дарозмӯҳлат равона карда шудааст. Чуноне ки дар боби гузашта зикр гардид, соҳаи кишоварзӣ то ба имрӯз барои 63%-и ҳаҷми умумии шуғл ва 21,9% мусоидат ба ММД-и кишвар масъул мебошад. Ин маънои онро дорад, ки давраи гузариш ба иқтисоди саноатӣ кӯшишҳои бештарро талаб мекунад ва сармоягузориҳои миқёси калонтар, мутахассисони баландихтисос ва захираҳои кофиро тақозо мекунад. Боз як ҷанбаи муҳими саноатикунонӣ таъсири пурзӯри он ба харобшавии муҳити зист (ифлосшавии об, таназзули замин, партовҳои атмосферӣ) ва тағйирёбии иқлим мебошад. Диверсификатсияи тавозуни энергетикии миллӣ тавассути густариши истихроҷи ангишт, газ ва нафт низ ҳадафи афзалиятноки миллӣ мебошад, ки агар ба таври устувор идора карда нашавад, он низ ба муҳити атроф фишори бештар илова мекунад.

Чуноне ки дар боби гузашта зикр гардид, муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Дар робита ба ин, стратегия дастгирии интиқоли маблағҳои арзиши назаррас доштаро дастгирӣ мекунад, ки метавонад дар рушди иқтисодии кишвар нақши муҳим бозад. Аз ин сабаб, стратегия қонунигардонии муҳоҷират, ҳифзи иҷтимоӣ ва мусоидат ба омӯзиши муҳоҷирон тавассути таҳияи барномаи таълимии махсусро баррасӣ менамояд. Вале, бори дигар бояд зикр кард, ки стратегия ҳадафҳо ва ё нишондиҳандаҳои дақиқро муайян намекунад, муҳоҷират ва интиқоли маблағро ба сифати як банди алоҳидаи рӯзномаи рушд мавриди баррасӣ қарор намедиҳад.

## 6.2 Сиёсатҳои сохторӣ

### 6.2.1 Сиёсат ва барномаҳо барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон ва Русия

**Тоҷикистон:** Соли 2001 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаҳои онҳоро, ки аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид дар моҳи декабри соли 1990 қабул гардида буд, ба тасвиб расонд. Кишвар созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарони муҳоҷир дар ИДМ, инчунин ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонуниро ба имзо расонид[5].

Заминаи қонунгузорӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар моддаи 24-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳаракати озод ва интихоби истиқомат, роҳи берун рафтан аз кишвар ва бозгашт ба онро баён мекунад. Чаҳорчӯби умумии қоидаҳои муҳоҷират аз ҷониби Қонун «Дар бораи муҳоҷират», ки дар соли 1999 тасдиқ карда шуда, дар соли 2010 ба он иловаҳо ворид карда шуд, таъмин карда мешавад.

Аз соли 2000 инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои сиёсиро барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ татбиқ карда истодааст. Ин тадбирҳо асосан дар баррасӣ ва такмили заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, таҳкими низоми мониторинги муҳоҷират ва рушди омӯзишҳои касбӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ таҷассум мегардан. Бо вуҷуди ин, бозори меҳнат дар кишвар то ҳол тавассути тавсеаи бемайлони шуғли ғайрирасмӣ ифода меёбад. Яке аз сабабҳо маълумотнокии пасти муҳоҷирон дар бораи қонунгузорӣ ва имконяитҳои шуғл мебошад (масалан, квотаҳо барои қувваи кории хориҷӣ дар Россия), ки он бо гирифтани иҷозати кор ва бақайдгирӣ тавассути миёнаравҳо ва бо арзиши баландтар анҷом меёбад (СБМ соли 2015).

Дар давоми солҳои 2000–2010 сиёсати муҳоҷирати давлатӣ асосан ба мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ тавассути ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодӣ барои ҳамоҳангсозии раванди муҳоҷират нигаронида шуда буд. Соли 2002 Барнома оид ба муҳоҷирати берунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003–2005 қабул шуда буд. Дар соли 2004 Қарори Ҳукумати ҶТ оид ба «Механизми назорати муҳоҷират», инчунин марҳилаи навбатии «Барномаи миллии муҳоҷирати хориҷӣ барои солҳои 2006–2010» қабул карда шуд. Бо назардошти он, ки Русия кишвари асосии қабулкунанда аст, дар соли 2004 Созишнома оид ба «Меҳнат ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин Барномаи ҳамкорӣ дар мубодилаи меҳнат аз ҷониби ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Русия ба имзо расиданд. Дар доираи ин созишномаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини қувваи кории дорои сатҳи муайяни ихтисоси мавриди талаби бозори меҳнати Русияро кафолат медиҳад, дар навбати худ

---

5 *http://www.osce.org/ru/eea/34468?download=true*

маъмуриятҳои вилоятҳои Русия созишномаҳои шартномавии меҳнатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо, ва таъмини шароити мусоиди зист ва корро кафолат медиҳанд (Ҷонз ва Блэк, с. 2007).

Як гурӯҳи кории муштарак барои ҳалли масоили марбут ба татбиқи Созишномаи мазкур созмон дода шуд, ки вохӯриҳои мунтазамро доир ба ин мавзӯъ ташкил мекунад. Дар соли 2012, кишварҳо «Ёддошти тафоҳум оид ба тасмимҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират»-ро ба имзо расониданд. Дар асоси Ёддошти тафоҳум ва дар натиҷаи кори муштарак ду санади муҳим ба имзо расид, ки аз тарафи парлумонҳои кишварҳо ба тасвиб расидааст, ин санад зиёд намудани мӯҳлати бақайдгирии муҳоҷиронро то 15 рӯз ва мӯҳлати бақайдгирии кориро то ба 3 сол иҷозат меҳиҳад. Ин санадҳо шароити истиқомат ва бо кор таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Федератсияи Русия беҳтар намуданд. Қобили зикр аст, ки ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мунтазам дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳамаи созишномаҳои дуҷонибаи дар боло зикршуда барои ба расмият даровардани мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабулкунанда ва таъмини пешниҳоди шуғл ва кафолати иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Онҳо аз сабаби ҳолатҳои шадиди сӯиистифода ва вайронкунии ҳуқуқи гузоришшудаи муҳоҷирон дар Русия зарур шуданд. Барои ба таври дақиқ амалӣ кардани қарорҳои ҳукуматӣ, иттиҳодияи диаспораҳои мухталифи Тоҷикистон дар Русия барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони тоҷик дар асоси ихтиёрӣ, хайрхоҳона ва ё тиҷоратӣ таъсис дода шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Беларус Созишнома оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба имзо расонид. Бинобар ин, Ҳукумат барои ҳалли масоили марбут ба муҳоҷирати таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Беш аз 10 сол мешавад, ки созишномаи байниҳукуматии дуҷониба оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои коргарони муҳоҷир ва инчунин алоқаҳо дар сатҳи байниидоравӣ, байниҳукуматӣ, байнипарлумонӣ ва байниминтақавӣ амал мекунанд.

Дар соли 2011 «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2015» барои мусоидат ба татбиқи «Стратегияи миллии рушд (СМР)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» [6] қабул гардид. Мақсадҳои асосии Стратегияи миллӣ натанҳо назорати равандҳои муҳоҷират, балки инчунин баланд бардоштани малака ва иқтидори муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзишҳои касбӣ пеш аз сафар кардан аз кишвар ва баланд бардоштани фаҳмиши нақши онҳо дар равандҳои рушди давлати аслиро пешбинӣ менамояд. Вале, ягон механизми равшан ва ҷолиб ҷиҳати ҳавасманд кардани бозгашти муҳоҷирони баландихтисос ба хона, афзалият додан ба ҳамгироии нави онҳо ба сатҳи мувофиқи бозори меҳнат ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ ва пасандозҳо (интиқоли маблағҳо) ба таври устувор вуҷуд надорад (СБМ, с. 2010).

Ҳарчанд аксари сиёсатҳои миллӣ оид ба муҳоҷират аҳамияти қувваи кории баландихтисосро таъкид кардаанд, барномаи мушаххаси танҳо ба тарбияи муҳоҷирон ва ё насли наврас, ки дар арафаи ба кори мавсимӣ рафтан истодаанд, нигаронида шуда бошад, вуҷуд надорад. Лоиҳаҳои кӯтоҳмӯҳлати аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ маблағгузоришаванда, ки бо баланд бардоштани малакаи ин гурӯҳи ҳадафи мушаххас машғуланд, истисно мебошанд. Дар соли 2012, хадамотҳои муҳоҷирати Тоҷикистон ва Русия барои муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ тренингҳои касбӣ барпо карданд, ки омӯзиши забони русиро низ пешбинӣ мекарданд (Муҳоҷирати Тоҷикистон, с. 2012). Сад нафар таълимгирандагон имтиҳонҳоро супорида, дар Федератсияи Русия соҳиби кор гаштанд, ки дар муқоиса бо шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ночиз аст.

Бо вуҷуди ин, чунин мисолҳо гоҳ-гоҳ пайдошаванда мебошанд. Аз як тараф, ташкили омӯзишҳои мунтазами касбӣ маблағ талаб мекунанд, дар ҳоле ки, аз тарафи дигар, омӯзиш маҷбурӣ нест ва аксари муҳоҷирон мустақилона сафар карданро бе фарогирии омӯзиш пеш аз сафар интихоб мекунанд.
Ҳамаи созишномаҳои дуҷонибаи дар боло зикршуда барои ба расмият даровардани мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабулкунанда ва таъмини пешниҳоди шуғл ва кафолати иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Онҳо аз сабаби ҳолатҳои шадиди сӯиистифода ва вайронкунии ҳуқуқи гузоришшудаи муҳоҷирон дар Русия зарур шуданд. Барои ба таври дақиқ амалӣ кардани қарорҳои ҳукуматӣ, иттиҳодияи диаспораҳои мухталифи Тоҷикистон дар Русия барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони тоҷик дар асоси ихтиёрӣ, хайрхоҳона ва ё тиҷоратӣ таъсис дода шудаанд.

---

[6] Тафсилоти Стратегияи миллии рушд дар бобҳои боло оварда шудаанд

## Чаҳоркунҷаи 4. Малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон дорои малакаи касбӣ дар сатҳи паст ва дар корҳои маошаш кам машғуш мебошанд, масалан: фаррошӣ, сохтмон, савдо ва ғ.. Қисми бештари муҳоҷирон аз деҳоти камбизоати кишвар меоянд, ки сифати таҳсилоти онҳо нисбат ба шаҳриҳо пасттар аст. Таносуби муҳоҷирони меҳнатии дорои маълумоти олӣ аз 10,6% дар соли 2004 то 9,9% дар соли 2009 коҳиш ёфтааст (Расми 3). Ин маълумот нишон медиҳад, ки насли нави муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба муҳоҷирони қаблӣ камтар таҳсилкарда мебошанд (СБМ, с. 2015).

*Сарчашма: СМР (с. 2016–2030)*

**Расми 3. Сатҳи маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2004 ва 2009, бо %**




*Сарчашма: Гузоришҳои таҳлилӣ оид ба тадқиқоти қувваи корӣ барои солҳои 2004 ва 2009, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Федератсияи Россия:** Заминаи сиёсати ҷории муҳоҷирати Русия дар аввали солҳои 1990 гузошта шуда буд. Дар соли 2002, Ҳукумати Федератсияи Россия Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Федератсияи Россия»-ро қабул кард. Интизор мерафт, ки он чун василаи қонунӣ ҷиҳати қонунигардонии муҳоҷирони ғайрирасмӣ амал кунад, ки барои назорати муҳоҷират ва додани мақоми ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои мухталифи муҳоҷирон тартиботи шаффоф пешниҳод намояд (Фокус Мигрейшн, с. 2010).

Аз соли 2006, сиёсати муҳоҷират шоҳиди гузариш муҳим ба либерализатсия гардид. Дар муқобили камшавӣ ва пиршавии аҳолӣ, мақомоти Русия ба баррасии муҳоҷирони меҳнатӣ чун манбаи муҳими рушди иқтисодӣ ва демографии кишвар оғоз карданд. Ислоҳоти сиёсат пеш аз ҳама ба танзими муҳоҷират аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) тавассути таъмини расмиёти соддагардонидашудаи визаи воридотии бепул, бақайдгирӣ ва иҷозатномаи кор дар Русия равона карда шуда буд (Фокус Мигрейшн, с. 2010). Илова бар ин, дар соли 2010 мақомоти Русия мақоми шаҳрвандони хориҷиро, ки дар бахши хусусӣ фаъолият мекарданд, тавассути ба расмият дровардани иҷозати кор дар асоси патент қонеъ гардонданд. Дар натиҷа, шумораи муҳоҷирон аз Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Украина, бузургтарин таъминкунандагони қувваи кории беруна, ба таври назаррас зиёд шуданд (Рязантсев, с. 2014). Дар айни замон, мақомоти Русия ба ном «низоми назорати квота"-ро барои коргарони хориҷӣ идома дода истодаанд, ки роҳи ба танзим даровардани вуруди муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Масалан, дар соли 2007 «низоми квота" 'хеле либералӣ буд, аммо аз соли 2009, мақомоти Русия ба кам кардани квота барои иҷозати кор, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ дода шудаанд, шурӯъ кардаанд (Московское время, с. 2011).

Дар моҳи июни соли 2012, консепсияи нави сиёсати муҳоҷирати давлатӣ то соли 2025 қабул карда шуд, ки он ҷалби минбаъдаи қувваи кории хориҷиро ба кишвар пешбинӣ намуда, барои такмили низом даъват мекард. Ин санад, тавассути ворид намудани як қатор тадбирҳои иловагӣ нисбати ҷазо ба шаҳрвандони хориҷӣ барои вайрон намудани қоидаҳои муҳоҷират ё маъмурӣ, аз ҷумла, таъсиси махзани мутамаркази электронии шаҳрвандони хориҷӣ бо манъ кардани вуруди такрорӣ сиёсати муҳоҷирати Русияро сахттар кардааст (Клучевска, с. 2014). Сиёсати мазкур ҳанӯз амалӣ карда нашудааст, марҳилаи дуюм бошад, соли 2016 оғоз мегардад.

Дар моҳи октябри соли 2013, мақомоти Русия Протоколи дифоъ аз муҳоҷирони кории тоҷик дар Русияро ба имзо расониданд, ки он ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои ба даст овардани иҷозати кор то 3 сол ба ҷои иҷозатномаи давомнокияш як сол имконият медиҳад. Дар баробари ин, ба санадҳои меъёрӣ ҷиҳати духул ва хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ ба/аз Федератсияи Русия дар соли 2014 якчанд тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйироту иловаҳо баъзе сиёсатҳои муҳоҷиратро, ки соли 2007 қабул карда шуда буданд, маҳдуд карданд ва барои хориҷиён, аз ҷумла, шаҳрвандони ИДМ ҷиҳати иқомат дар қаламрави Федератсияи Россия қоидаҳои қатъӣ ворид намуданд. Тибқи гузориши Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба ҳукми қонунӣ даромадани инислоҳот дар соли 2015, тақрибан 276 ҳазор нафар муҳоҷирони тоҷик барои вайрон кардани қоидаҳои будубош дар ин кишвар аз духул ба Федератсияи Россия манъ карда шуданд. 400 ҳазор нафар шаҳрвандони дигари Тоҷикистон, ки айни замон дар Русия кор мекунанд, бо сабаби дониши маҳдуди забони русӣ, ки ин низ як ҷузъи сиёсати нав мебошад, ба ном «Гурӯҳи хавф»-ро ташкил медиҳанд (Попов, с. 2015).

Имрӯзҳо, яке аз роҳҳои судманди кор дар Русия ба даст овардани шаҳрвандии Русия мебошад. Ин ба муҳоҷирони хориҷӣ як қатор имкониятҳои мусбат, аз ҷумла ҷойҳои кории маошаш беҳтар, ҳамгироӣ ба ҷомеаи маҳаллӣ, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва забонро фароҳам меорад. «Барномаи давлатии мусоидат ба ҳамватанони бурунмарзӣ ҷиҳати кӯчидани ихтиёрӣ ба Федератсияи Русия» ( Фармони Президенти Федератсияи Россия № 1289 аз 14 сентябри соли 2012), имконияти ба даст овардани шаҳрвандии Русияро ба сокинони Тоҷикистон ва дигар ҳамватанон аз ИДМ тавассути тартиби соддагардонидашудаи муҳоҷират фароҳам меорад. Дар соли 2015, дар атрофи 882 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ва аъзои оилаи онҳо барои иқомати доимӣ дар доираи ин барнома ба Федератсияи Русия кӯчиданд.

Дар асоси рушди сиёсати дар боло зикршуда, қоидаҳои амалкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари фиристанда ва Русия ҳамчун кишвари қабулкунанда, то ҳадди имкон дар манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо асос ёфтааст. Ҳамчун кишвар фиристанда, Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҳуқуқи шаҳрвандони худро дар хориҷи кишвар ҳифз намояд ва имкониятҳои онҳоро ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди кишвар бубинад, дар ҳоле ки Русия, ҳамчун кишвари иқомат, қувваи кории арзонро ҷалб карда, миқдор ва сифати онро назорат мекунад (Клучевска, с. 2014). Муҳоҷирати меҳнатӣ ҳанӯз ҳам ба дараҷаи зарурӣ ташкил карда ва ба танзим оварда нашудааст. Сатҳи пасти маълумотнокӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ аксаран боиси истисмори шадиди онҳо мешавад ва ҳуқуқҳои асосии онҳо ҳангоми кор пайваста инкор карда мешаванд. Саломатии онҳо ба таври назаррас хароб шуда истодааст ва дучори хавфи хеле баланд, ки ба таъмини бехатарии онҳо тавассути дастрасии маҳдуд (агар комилан набошад) ба хизматрасонии иҷтимоӣ ва тиббӣ таъсир расонида истодааст (СБМ, с. 2015). Ин ба оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ низ таъсир мерасонад. Дар робита ба шароити номусоиди корӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ таҳти хавфи баланди гирифтор шудан ба бемории сил, ки ҳамчун бемории камбизоатон маълум аст ва ВИЧ/СПИД, бо сабаби огоҳии нокофӣ оид ба пешгирӣ ва гузаштани он ба каси дигар, қарор доранд. Вақте ки ба хонаҳояшон бармегарданд, вазъи саломатии онҳо ба аъзоёни оила таъсири мустақим мерасонад [аз сабаби хатари сироят ё арзиши баланди табобат] ва шароити оилавиро боз ҳам мушкилтар мекунад.

**Чаҳоркунҷаи 5. Сиёсати миллӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим**

1998 Ба тасвиб расонидани Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (ҚҚСММТИ);

1998 Мухобироти нахустини миллӣ;

1998 Нақшаи чорабиниҳои миллӣ оид ба коҳиши тағйирёбии иқлим;

1998 Мухобироти дуюми миллӣ;

1998 Мухобироти сеюми миллӣ;

1998 Ба имзо расидани Созишномаи Париж

### 6.2.2 Сиёсат ва тадбирҳо оид ба тағйирёбии иқлим

Тоҷикистон иштирокчии анҷуманҳои сершумори байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва тағйирёбии иқлим аст[7]. Дар соли 2015 ҷиҳати дастгирии ӯҳдадории ҷаҳонӣ оид ба кам кардани партовҳои гази гулхонаӣ ва тезонидани гузариши он ба роҳи ба тағйрёбии иқлим устувор дар заминаи Созишномаи Париж оид ба тағйирёбии иқлим (СПТИ) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳиссагузориҳои пешбинишудаи дар сатҳи миллӣ муайяншаванда (ҲПСММ)-и худро таҳия кард. Дар соли 2016, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон СПТИ-ро имзо намуда[8], ҳадафи глобалии онро ҷиҳати нигоҳ доштани ҳарорати ҷаҳонӣ дар доираи ҳуду-ди гармшавии 1,5 ° С ва таъмин намудани кӯмаки техникю молиявӣ ба рушди кишварҳои осебпазиртарин дар мубориза бар зидди тағйирёбии иқлим тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, тақвияти иқтидор ва сиёсатҳои соҳавӣ дастгирӣ кард (КҚСММТИ, с. 2016).

Дар ҲПСММ-и худ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар осебпазирии фоҷиаборро ба таҳдидҳои иқлим таъкид карда, татбиқи чораҳои афзалиятнокии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро дар мадди аввал гузошт. Онҳо ба кам кардани таъсири манфии падидаҳои шадиди обу ҳаво ва офатҳои иқлими-ро тавассути навсозии мушоҳидаҳои гидрометеорологӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаи кишоварзӣ, саноат, бахши нақлиёт ва энергетика, инчунин таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва қонеъ гардонидани афзалиятҳои миллии кишвар равона карда шудаанд.

Дар заминаи миллӣ, яке аз санадҳои муҳими сиёсати деринтизортарин, ки ҳалли масъалаҳои тағйирё-бии иқлимро дар сатҳи кишвар пешбинӣ менамояд, Стратегияи миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим то соли 2030 мебошад. Санад ҳанӯз тахти муҳокимаи ниҳоӣ қарор дорад ва баррасии аксари афзалиятҳои аз кунҷи таъғирёбии иқлим дар доираи Стратегияи миллии рушд (2016–2030) дидашавандаро пешниҳод менамояд. Нақши муҳими стратегияи нави мутобиқшавӣ пайванди сатҳи миллӣ (сиёсат, қабули қарор) бо талабот ва афзалиятҳои сатҳи ҷомеа мебошад. Ҳамин тавр, кормандони ҳукуматӣ дар ҳамкории зич бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имрӯзҳо Нақшаҳои амалиёти мутобиқшавии маҳаллӣ (НАММ)-ро барои 5 деҳоти осебпазиртарини кишвар таҳия карда истодаанд. Амал ва тадбирҳои пешниҳодшуда тавассути санадҳои сиёсати миллӣ тақвият дода шуда, ба қабулкунандагони қарорҳо оид ба қадамҳои минбаъда дар роҳи ба тағйиёбии иқлим устувор итилоъ дода мешавад.

Сарфи назар аз пешрафти умедбахш дар таҳияи сиёсати марбут ба иқлим дар Тоҷикистон бадастомада, ки бояд афзалиятҳои рушди миллӣ, инчунин воқеияти рӯзномаи тағйирёбии глобалии иқлимро пешбинӣ намояд, ҳанӯз як роҳи дигар боқӣ мондааст. Аксари барномаҳои соҳавӣ тадбирҳо оид ба устуворӣ ба тағйрёбии иқлимро дар дурнамои дарозмӯҳлат дақиқ баррасӣ намекунанд. Масалан, Стратегияи мил-лии рушд то соли 2030 тадбирҳо оид ба устуворӣ ба тағйрёбии иқлимро дар соҳаҳои рушди стратегии худ, ба монанди кишоварзӣ, рушди саноат ё самтҳои иҷтимоии рушди устувори инсон мавриди баррасӣ қарор намедиҳад. Ягон санади соҳавӣ оид ба таҳсилот ё муҳоҷират чунин тадбирҳои устуворӣ ба тағй-ирёбии иқлим, ба монанди баланд бардоштани худогоҳӣ, тарғиб ё таҳвили технологияҳои тоза, таъсиси корҳои «сабз»-ро, ки дар оянда наздик ба онҳо талабот меафзояд, пешбинӣ намекунад.

### 6.2.3 Барномаҳои молияи давлатӣ ва хусусӣ

The financial sector of Tajikistan is represented by commercial banks, which cover 80% of financial sector аБахши молиявии Тоҷикистонро бонкҳои тиҷоратӣ, ки 80%-и дороиҳои бахши молиявро фаро меги-ранд муаррифӣ мекунанд, дар ҳоле, 20%-и боқимонда сегменти ғайридавлатии молиявӣ ва асосан ташкилотҳои молиявии хурд мебошанд. Бино ба маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, бахши бонкии кишвар ба таври дастаҷамъӣ ва хуб капитализатсия шудаанд, вале сифати умумии дороиҳо паст мебо-шад. Бонкҳои калон бо иҷрои вазифаи на он қадар хуб тавсиф мешаванд, дар ҳоле, ки сифати хизма-трасонии бонкҳои хурд ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (масалан, бонки Эсхата, Имон интернеш-нл) нисбатан хуб аст.

Ҳарчанд барномаи тағйири иқлим дар кишвар хуб таҳия гардидааст, барномаҳои молиявии миқёси калон барои дастгирии сармоягузорӣ ба устувории иқлим вуҷуд надоранд. Барномае, ки ба тозагӣ аз ҷониби Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) ва Бунёди сармоягузорӣ ба иқлим (БСИ) оғоз кар-да шудааст, намунаи хуби Василаи маблағгузории устувории иқлимӣ, ки асосан ҳамчун CLIMADAPT маълум аст, мебошад. Ин Васила ҷудо намудани сармоягузориҳоро ба беҳтар намудани технологияҳои устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва дастгирии бахши хусусӣ дар кишвар мавриди ҳадаф қарор додааст.

---

[7] Барои тафсилоти Арзёбии ҳолати кишвар ниг. ба: *http://carececo.org/upload/02/eng_CSA_Tajikistan.pdf*

[8] Барои рӯйхати кишварҳое, ки Созишнома оид ба тағйирёбии иқлимро имзо кардаанд, нигаред ба: *https://treaties.un.org/pages/ViewDetails.aspx?src=TREATY&mtdsg_no=XXVII-7-d&chapter=27&lang=en*

Тавассути муассисаҳои шарики масъул (Бонки Эсхата, Ҳумо ва Имон Интернешнл)[9], он ба соҳибкорон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хонаводаҳо ҷиҳати мусоидат ба таҳвили технологияҳои нав, сарфаи об ва самаранокии нерӯи барқ, таҷрибаи идоракунии устувори замин ва ғ. қарзҳо пешниҳод мекунад. Қарзҳо дар асоси меъёрҳое, ки тадбирҳо оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши оқибатҳои онро пурра мекунанд, дода мешаванд. Қарзгирҳо оид ба интихоби технология ва таҷрибаҳои муносиб ба машваратҳои озод ва кушода дастрасӣ доранд. Масалан, яке аз талаботҳои ба даст овардани қарз додани кафолати он аст, ки таҷриба ва ё технологияи барои маблағгузорӣ интихобшуда ба андозаи 20% сарфаҷӯии энергия, 10% самаранокии истифодаи об ва 10% паст кардани эрозияи хокро таъмин хоҳад кард. CLIMADAPT қарзҳоро барои се бахши асосӣ, аз ҷумла истиқоматӣ, кишоварзӣ ва хусусӣ (соҳибкорӣ) таъмин менамояд. Ба ҳар як бахш рӯйхати меъёрҳои интихоби лоиҳаҳои имконпазир ва технологияҳои озмудашуда дода мешавад.

Мисоли CLIMADAPT равиши беҳтарини ҷалби захираҳои соҳаи кишоварзӣ ва технологияҳои нисбати иқлим оқил ва рӯзномаи усуворӣ ба тағйирёбии иқлимро фаро гирифтани гурӯҳҳои осебпазир (аҳолии деҳот ва бахши хусусӣ) мебошад. Бо вуҷуди ин, бо мақсади итминон ҳосил кардан ба устувории барнома, бояд мунтазам саҳми табодули муштараки қарздиҳандагонро пешбинӣ кард. Маблағҳои интиқолӣ ё даромади аз муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо ба даст овардашуда дар танзими чунин механизм метавонанд нақши муҳим бозанд. Баъзе намунаҳои ҷузъӣ, ки дар онҳо маблағҳои интиқолии муҳоҷиронн ҳамчун омили инкишоф истифода бурда мешаванд, аллакай дар доираи барномаҳои молиявии мавҷудаи бонкҳои Тоҷикистон вуҷуд доранд (Ҷадвали 2).

## Ҷадвали 1. Қарзи «Боварӣ» Бонки Эсхата[10]

**Қарзи “БОВАРӢ”**

- **Пешниҳоди махсус ва беназир барои касоне, ки доимо интиқоли пулӣ мегиранд**
- **Гирандагон мунтазами интиқоли пулӣ бо шартҳои хеле мусоид бо қарз таъмин карда мешаванд**

| | Somoni | USD |
|---|---|---|
| **Маблағ** | Аз 500 сомонӣ то 25,000 сомонӣ | Баробар ба доллари ИМА |
| **Меъёри фоиз** | Барои муштариёни нав 38% солона | Барои муштариёни нав 34% солона |
| **Муштариёни мунтазам** | 36% солона | 32% солона |
| **Мӯҳлати қарз** | Тҳ 12 (дувоздаҳ) моҳ | – |
| **Амнияти гарав** | Дар заминаи боварӣ, яъне бе ягон гарав ё зоминҳо | – |

*Сарчашма: Бонки Эсхата, с. 2016*

Баъзе бонкҳои тиҷоратӣ ба тарғиби фаъолонаи қарзҳои «сабз» барои истифодаи устувори захираҳои кишоварзӣ, мусоидат ба истифодаи оқилонаи об, инчунин усулҳои беҳтари сарфаи об ва ғайра, ки бевосита ё бавосита ба иқлим вобаста аст шурӯъ кардаанд. Масалан, бонки Эсхата дар доираи барномаи молиявии иҷтимоӣ ва экологии мавҷуда барои насби низомҳои обёрии қатрагӣ қарзҳо пешниҳод мекунад. Қарзҳо ба камтарин меъёри фоизӣ, ки 16% солонаро ташкил медиҳад[11], пешниҳод карда мешаванд. Барномаи молияии Имон интернешнл низ кредит ва қарзҳои бо ном «сабз»-ро пешбинӣ менамояд. Аксари онҳо беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ ва роҳҳои ҳалли энергияи устувор (самаранокӣ, сарфаҷӯӣ, васеъ намудани энергияи барқароршаванда) ё кишоварзии интеллектуалӣ тавассути идоракунии устувори замин ва усулҳои сарфаи об (обёрии қатрагӣ, обпошӣ, парвариши интеллектуалӣ, пӯшонидани рутубати хок, шинонидани мембрана, обдиҳӣ бо усули пилтагӣ, насосҳоии оби спиралӣ ва ғ.)-ро мавриди ҳадаф қарор медиҳанд. Меъёри фоизии барои қарзҳои «сабз» ва устувории иқлим таъин кардашуда аз меъёри фоизии миёна (28% солона) камтар мебошад. Яке аз сабабҳои фоизи кам кардашудаи чунин қарзҳо тасмими ҷалби истеъмолкунандагон ва муштариёни нав ба роҳҳои ҳалли созгори экологӣ бошад, сабаби дигари он сармояи имтиёзнок, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ (Олмон/Британиё бонки KfW, БСИ) ва ё бонкҳои бисёрҷонибаи рушд пешниҳод карда мешаванд (БОР, БАТР), мебошад.

9 Тафсилоти бештар дар *http://climadapt.tj/*

10 Тафсилот дар *http://eskhata.com/individuals/lending/lending_types/*

11 Меъёрҳои фоизии қарзҳои мунтазам, ки аз ҷониби аксарияти бонкҳои ватанӣ ва ташкилотҳои молиявӣ дар Тоҷикистон таъмин аст 35–40% солона мебошанд

Ҳангоми таҳлили барномаҳои қарз аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳодшаванда хулосае омад, ки меъёрҳои фоизии миёна дар Тоҷикистон хеле баланд мебошанд ва шумораи хеле ками қарзҳо бахшида ба устувории иқлим вуҷуд доранд. Масъалаи дигар норасоии дониш ва маълумотнокии аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, дар бораи манфиатҳои истифодаи қарзҳои мақсадноки ба устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ё технологияи «сабз» равона кардашуда мебошад. Баъзе аз онҳоро метавон ба кормандони бонк нисбат дод, ки бо мақсади маслиҳатҳои беҳтар додан оид ба барномаҳои қарзии марбута ва васеъ намудани шабакаи муштариёни худ ба омӯзишҳои мунтазам барои баланд бардоштани иқтидори худ тавассути ба даст овардани донишҳои муосир оид ба таҷрибаҳои устуворӣ ба иқлим ва усулҳо оид ба идоракунии замин, энергияи устувор ва сарфаҷӯии об ниёз доранд.

Хуллас, ҳанӯз ягон барнома бо назардошти маблағҳои интиқол кардашудаи муҳоҷирон ҳамчун сармоягузорӣ ба омодасозии тадбирҳои мутобиқшавӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, барномаҳои алоҳидаи амалкунанда марбут ба тадбирҳо оид ба тағйирёбии иқлим ва дастгирии муҳоҷиронро бояд муттаҳид кард ва минбаъд низ истифода бурд.

# 7. Алоқаҳо дар байни интиқоли маблағ ва устуворӣ

Дар моҳи сентябри соли 2015, дар доираи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки барномаи рушди ҷаҳониро барои солҳои 2016–2030 муайян мекунад, қабул карда шуд. ҲРУ ба равиши ҳамгиро дар ҳолати пайравии ҳадафҳои рушд дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва кишвар пайваст мебошанд. Ҳамин тариқ пешрафт ё мушкилот дар доираи як ҲРУ метавонад ба тарафи дигар таъсири бевосита [мусбат ё манфӣ] дошта бошад.

Дар ин замина, самтҳои рушд, аз ҷумла тағйирёбии иқлим дар рушди устувор нақши муҳим мебозад, ки қабл аз ин гоҳ ҳеҷ амалӣ карда нашуда буд. Ин махсусан барои кишварҳои монанди Тоҷикистон, ки ба тағйирёбии иқлим ва хавфҳои он хеле осебпазир мебошанд дахлдор мебошад. Ин осебпазириҳо асосан аз рӯи (а) релефи ҷуғрофӣ, хатарҳои офатҳои табиӣ ва шароити иқлимии вобаста ба он, (б) заминаи заифи иқтисодӣ, илова ба осебпазирии кишвар ба зарбаҳои беруна, ба монанди бесуботиҳо ё бӯҳрон дар кишварҳои ҳамсоя/қабулкунанда; (в) иқтидори маҳдуди институтсионалӣ ва техникӣ; (г) низоми бонкии заиф ва ғайра.

Хавфи баланд ва такрор ёфтани офатҳо метавонанд ба нобаробарӣ ва маҳрумият оварда расонад. Ин ба масъалаҳои осебпазирӣ ба ҷои камбизоатӣ оварда мерасонад, чунки дар ҳолати офат ҳар кас метавонад таҳти таъсири он қарор гирад, агар ба таври зарурӣ омода набошад. Ҳангоми муҳокимаи муҳоҷирати меҳнатӣ осебпазирӣ дар муқобили оилаи муҳоҷири меҳнатӣ ва худи муҳоҷирони меҳнатӣ бояд баррасӣ карда шавад.

Оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ: Тавре маълумотҳои ҷамъоваришуда нишон медиҳанд, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун стратегияи мубориза барои беҳтар намудани некӯаҳволии хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ интихоб карда шудааст. Ба ибораи дигар, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун роҳи паст кардани осебпазирии оила ба даромад, хӯрок, саломатӣ ва дигар намудҳои ноамнии инсон интихоб карда шудааст. Ҳамин тавр робитаи байни интиқоли маблағҳо ҳамчун натиҷаи асосии пешбинишудаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва устуворӣ метавонад чун мустақим баррасӣ карда шавад. Тавре маълумотҳо нишон медиҳанд, ҳаҷми асосии маблағҳои интиқолшуда барои ниёзи фаврии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ сарф карда мешавад. Метавон ба хулоса омад, ки маблағҳои интиқолшуда устувории оиларо тавассути пешгирӣ аз камбудии ғизо ва мушкилоти саломатии дар натиҷаи камғизоӣ ба вуҷудомад васеъ хоҳад кард. Таъсири интиқоли маблағҳо метавонад берун аз оила рафта, манфиати тамоми ҷомеаро ифода кунад. Масалан, агар маблағҳои интиқолшуда барои фаъолиятҳои рушди маҳаллӣ дар ҷомеа истифода шаванд, даромад аз ин фаъолият ба монанди таъсиси ҷойҳои корӣ ва ё дастрасии беҳтар ба муассисаҳои тандурустӣ ва таълимӣ ба хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатии ҳамсоя низ манфиат хоҳад овард. Дар баробари манфиатҳо, оқибатҳои мухталифи муҳоҷирати меҳнатӣ низ вуҷуд доранд. Тавре дар фаслҳои гузашта зикр карда шуд, муҳоҷирати меҳнатӣ боиси тағйироти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба мо-

нанди интиқоли вазифаҳои идоракунии хонавода, идоракунии буҷети оила ба зани муҳоҷири меҳнатӣ иловатан ба вазифаҳои ҳаррӯзаи ӯ ба монанди нигоҳубини кӯдакон, идораи захираҳои об ва ғ. мегардад. Нотавонӣ дар баромадан аз ӯҳдаи вазифаҳои иловагӣ метавонад зани муҳоҷири меҳнатиро боз ҳам бештар ба фишорҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ осебпазир созад. Масалан, агар барои зани муҳоҷир лозим ояд, ки хоҷагиро идора кунад, ба ӯ лозим хоҳад буд, ки бо ҳамтоёни (касони монанди) худ, ки асосан мардон мебошанд фаъолияти муштарак дошта бошад.

Муҳоҷири меҳнатӣ: Маълумоте, ки ҳамчун қисми санади мазкур ҷамъоварӣ карда шудааст, нишон медиҳад, ки сатҳи маълумоти муҳоҷирони меҳнатӣ паст аст. Набудани малакаҳои махсус ва надонистани забони русӣ метавонад ба таври назаррас имконияти таъмини кори арзандаро ба ҳадди ақал расонад. Ин осебпазирӣ эҳтимолияти интиқоли маблағро ба хона ба ҳадди ақал мерасонад ва ҳамин тавр некӯаҳволии оила минбаъд хароб мешавад.

Набудани ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ба огоҳии саломатӣ нисбати сирояти бемориҳо, аз ҷумла бемориҳои ба таври ҷинсӣ интиқолшаванда, ки нархи табобати онҳо дар хона шояд аз арзиши маблағҳои ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ интиқилдодаи ӯ зиёд бошад, хавфи иловагӣ эҷод мекунад. Илова бар ин, муҳоҷирони меҳнатӣ, метавонанд ба беобрӯгӣ ва табъиз рӯ ба рӯ шаванд. Тавре аз маълумот бармеояд, қариб нисфи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик тавонистанд шаҳрвандии Русияро ба даст оранд. Ин гурӯҳи муҳоҷирони меҳнатӣ, эҳтимол вобаста ба музди меҳнати баланд ва манфиатҳои дигари шаҳрвандии Русия ба муҳоҷирати бехатар рӯ овардаанд. Бо вуҷуди ин, нисфи дигари муҳоҷирони меҳнатӣ дар хавфи даромади камтар ва дигар намудҳои ноамнӣ, ки дар боло оварда шуда буданд, боқӣ мемонад.

Бо дарназардошти хулосаи боло, метавон ба гуфт, ки робита миёни интиқоли маблағҳо ва устуворӣ хеле зич аст. Бо вуҷуди ин, хароҷоти арзиши натиҷа/оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатии ноамн метавонад аз манфиатҳои он зиёд бошад. Бе сиёсат ва қоидаҳои давлатии солим, ба таври лозимӣ маблағгузоришуда ва сари вақт татбиқшаванда, таъмини ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва бо маҳсулоти мусоиди молиявӣ ва сармоягузорӣ дар асоси асосҳои мутақобилан судманд таъминшуда, рушди устувори инсонӣ ва устувории баъдӣ зери шубҳа боқӣ мемонад.



# 8. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо

## 8.1 Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳо:

Мувофиқати омилҳои дохилӣ ва берунӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, аз ҷумла заминаи рушди кишвар, сохтори институтсионалӣ, беҳбудии шароити одамон, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва таҳдидҳои баъдӣ вобаста ба офатҳои табиӣ ва вокуниш, инчунин иқтидори мутобиқшавӣ, ба осебпазирии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим саҳми хеле бузург дорад. Тоҷикистон яке аз кишварҳои осебпазиртарини Осиёи Марказӣ ба тағйирёбии иқлим ба ҳисоб меравад. Масалан, ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвар дар минтақаи иқлими хушк ва нимхушк ва бо релефи кӯҳсор осебпазирӣ ва гирифтории кишварро ба офатҳои иқлим пурзӯр мекунад. Дуюм, сармояи инсонӣ бевосита иқтидори мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро, муайян мекунад. Мавриди зикр аст, ки дар солҳои охир интиқоли маблағҳои аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ кардашуда афзоиш ёфта истодаст, он ҳамчун омили мусбат метавонад устуворӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлимро зиёд кунад.

Натиҷа ва хулосаҳои асосии санад аз инҳо иборатанд, вале бо онҳо маҳдуд намешаванд:

***Ҷанбаҳои иқтисодӣ:***

- Тоҷикистон вазъи иҷтимоию иқтисодии мураккаби бо камбизоатӣ, бекорӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт рушд наёфта, таносуби баландтари вуруди маблағҳои интиқолӣ дар натиҷаи сафар кардани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар тавсифшаванда дорад. Заминаи заифи иқтисодии Тоҷикистон ва, аз ин рӯ, вобастагии баланд аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ иқтисодиёти кишварро аз омилҳои берунӣ сахт вобаста месозад. Дар заминаи муҳоҷирати меҳнатӣ, омилҳои беруна ба таназзули иқтисодии ҷорӣ дар Русия таъсир мерасонанд, ки дар ҳаҷми интиқоли маблағҳо ва, аз ин рӯ, дар афзоиши ММД ба таври манфӣ инъикос меёбанд.
- Ҳарчанд, камтарин музди кишвар дар бахши кишоварзӣ пардохт карда мешавад, он ҳамчун бузургтарин корфармои кишвар, махсусан дар минтақаҳои деҳот баррасӣ мегардад. Харобшавии инфрасохтор ва хизматрасониҳо дар якҷоягӣ бо таназзули замин аз сабаби истифодаи ғайриоқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва захираҳои об, дар онҳо барзиёд чаронидани чорво, истифодаи технологияҳои кӯҳна ва дигар омилҳо, диверсификатсияи иқтисодиёт, шуғл ва интихоби даромади муҳоҷирони меҳнатии фаъол ва эҳтимолиро ба ҳадди ақал мерасонанд. Ҳамаи ин омилҳо кишварро боз ҳам бештар нисбати тағйирёбии иқлим осебпазир месозанд. Илова бар ин, набудани механизмҳои иқтисодии барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона кардашаванда осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлимро боз ҳам баландтар месозад.
- Реструктуризатсияи хоҷагиҳои кишоварзӣ, ба шумораи зиёди хоҷагиҳои хурд (хоҷагиҳои деҳқонӣ/дар асоси ҷомеа дорои камтар аз 1 гектар замин), оварда расонд. Ҳамаи ин банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти кишоварзӣ ба монанди киштгардон ва корҳои зидди эрозияро мураккаб месозад. Ин ҳолатҳои заминҳои кишт ба хавфҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла ба хушксолӣ ва обхезиҳо бештар ҳассос мебошанд.
- Тоҷикистон аз гидроэнергетика вобастагии калон дорад. Ин кишварро нисбати кам ва зиёдшавии боришот ва тағйрёбии иқлим осебпазир месозад. Ба ҳолати имрӯз кишвар норасоии назарраси баркро дар фасли зимистон аз сабаби ҷараёни пасти дарёҳо, ки аз ҷумла сабабгори он гармшавии глобалӣ мебошад, эҳсос менамояд.
- Нарасоии қувваи барқ низ ба талафоти баробар ба 30%-и истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад. Дар дурнамои кӯтоҳмӯҳлат он ба манфиатҳои фаврии кишоварзон аз маҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонад, дар ҳоле, ки дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат дастрасии маҳдуд ба таъмини қувваи барқ низ метавонад ба таври ҷиддӣ монеи рушди занҷираҳои арзиш, бахусус коркард ва бастабандӣ гардад.
- Устувории бахши кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлимро метавон ҳамчун заиф тавсиф кард, зеро ки ин бахш аз хавфҳои иқлим хеле сахт вобастагӣ дорад ва дар тобеят аз шароити обу ҳаво боқӣ мемонад. Ин таъсир аз сабаби иқтидори мутобиқшавии пасти идоракунӣ ва сиёсатҳо, инчунин кишоварзон, ки оид ба истифодаи дурусти замин ва идоракунии об дар баробари тағйирёбии иқлим дониши маҳдуд доранд, шиддат мегирад.

***Ҷанбаҳои иҷтимоӣ:***

- Тавсифи асосии иҷтимоии Тоҷикистон тавассути аҳолии зуд зиёдшаванда, ки аксари онҳо дар деҳот зиндагӣ мекунанд, муайян карда мешавад. Сарфи назар аз ҷудокунии буҷет ба бахшҳои иҷтимоӣ (ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва таҳсилот) дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосӣ, ба монанди тандурустӣ ва таҳсилот бо сабаби зайл маҳдуд боқӣ мемонад: (а) сифати хизматрасониҳо дар натиҷаи малакаи паст ва кӯҳнаи омӯзгорон ва шароитҳои мусоиди таҳсил (инфрасохтор ва технология); ва (б) таъмини малакаҳои нокофӣ [ҳаҷм ва соҳаҳои номувофиқи таълим] дар муқобили талаботи бозори меҳнат.
- Сатҳи фарогирӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ тайи солҳои охир рӯ ба таназзул ниҳодааст. Шояд ҳамин омил сабабгори баландшавии тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ, махсусан дар байни ҷавонон, ки аксарияти муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медиҳанд, бошад. Сатҳи таҳсилоти маҳдуди ҷавонон холигии насли наврасро нисбати гирифтани дониш оид ба таҷрибаи мутобиқшавӣ ба таъғирёбии иқлим дар ватан ба миён меорад, ки боз ҳам тобеияти бахшҳои асосии шуғлро нисбати осебпазирии иқлим афзоиш медиҳад.
- Сатҳи мавҷудаи фавт ва беморшавӣ, шумораи зиёди бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемориҳои сироятии тавассути об гузаранда, асосан бо сабаби набудан ё норасоии оби босифати нӯшиданӣ, сатҳи баланди камхунӣ ва норасоии йод бо сабаби камғизоӣ, огоҳии паст роҷеъ ба намудҳои гуногуни бемориҳо ва дастрасии маҳдуди аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ба хизматрасонии тиббӣ [талабот ба шумораи катҳо дар беморхонаҳо ва табибон аз оне, ки низом таъмин кардааст, баландтар аст] зарурати беҳбудиҳои назаррасро дар беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ барои аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳои осебпазиртарини ҷомеа нишон медиҳад.
- Азбаски бахши иҷтимоӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди устувори инсон ба шумор меравад, набудани хизматрасониҳо ва ё дастрасии маҳдуд ба онҳо осебпазирии ҷомеаҳои дар ҷудоӣ боқимонда ва дурдастро ки одатан аз ҳама бештар хавфи таҳти таъсири офатҳои табиӣ, аз ҷумла хатарҳои иқлим қарор доранд, боз ҳам бештар мураккаб месозад.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли маблағҳо:***

- Муҳоҷирати меҳнатӣ як падидае дар миқёс ва аҳамият барои иқтисодиёти Тоҷикистон ҳам дар сатҳи миллӣ ва хонавода гардидааст, ки барои рушди кишвар саҳми бебаҳо гузоштааст ва сатҳи камбизоатиро дар тӯли даҳсолаи охир ба таври назаррас коҳиш додааст.
- Вале, муҳоҷирати меҳнатӣ вобастагиҳои қавӣ низ эҷод кардааст, тамоми оилаҳо пурра ба даромади муҳоҷирон аз хориҷи кишвар такя мекунанад. Хуруҷи умумии муҳоҷират барои солҳои охир дорои тамоюли зиёдшавӣ, вале бо коҳиши назаррас буд, ки дар соли 2015 бо сабаби бӯҳрони иқтисодӣ дар кишварҳои қабулкунанда ба миён омад. Бо вуҷуди ин, аз соли 2016 вазъияти иқтисодӣ рӯ ба эътидол ниҳодааст, ки дар навбати худ метавонад ба афзоиши шумораи муҳоҷирон оварда расонад. Тавре маълумотҳои ҷамъоваришуда нишон медиҳанд, сатҳи маълумоти муҳоҷирони меҳнатӣ паст шуда истодааст. Ин ба таври назаррас интихоби дарёфти кори муносибро кам мекунад. Аз ин рӯ, афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳатман ба афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо оварда намерасонад.
- Осебпазирӣ ва қобилияти мутобиқшавии аксари оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври ошкор паст аст, чунки аксари онҳо бенаво буда, дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва барои тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим маблағҳои иловагӣ, ҷиҳати мутобиқшавӣ дониши муносиб надоранд.
- "Чеҳра"-и муҳоҷирати меҳнатӣ бино бар сабаби шумораи зиёд шудаистодаи муҳоҷирони меҳнатии ҷинси занона тағйир ёфта истодааст. Аз як тараф, ин метавонад ба тавонмандсозии иқтисодии занон мусоидат намояд. Аммо, аз тарафи дигар, нисбати ин тамоюл оқибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вуҷуд дорад. Масалан, вақте ки падар бо муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунад, вазифаҳои идоракунии хонавода, аз ҷумла дар идоракунии буҷети оила, иловатан ба нигоҳубини кӯдак ва ҳамаи вазифаҳои оилавӣ ба зиммаи зан вогузор карда мешавад. Вале, агар волидайн ҳар ду сафар кунанд, пас бори хонавода ба дӯши аъзоёни калонсоли оила ё кӯдакони дар ватан монда гузошта мешавад. Илова бар ин, афзоиши шумораи занони ҷавон дар байни муҳоҷирон шояд онҳоро ба муҷаррад мондан, бе таъсиси оила маҷбур созад. Аз ин лиҳоз, баррасии наздиктари арзишҳо [осебпазирӣ] ва манфиатҳо [интиқоли маблағҳо барои сармоягузории кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат] нисбати ин тамоюл ва мусоидат ба васеъ намудани имконияти занон, ки таҳти таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд,зарур аст.

- Набудани сиёсати дақиқ дар соҳаи муҳоҷират ва истифодаи маблағҳои интиқолшуда ба хароҷоти ғайриоқилона нисбати тадбирҳои мутобиқшавӣ меорад. Дар Тоҷикистон, ба андозаи васеъ, маблағҳои интиқолшуда барои таъмири манзил, ки асосан дар натиҷаи офатҳои табиӣ хароб шудаанд, сарф карда мешаванд. Лекин, тайи солҳои охир муҳоҷирони меҳнатӣ ба сармоягузорӣ дар соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои хурд ва миёна, инчунин хоҷагиҳои ҷамоавӣ оғоз намудаанд. Дар дурнамои дарозмӯҳлат, агар ба таври дуруст идора карда шавад, ин заминаи устувори сармоягузориҳои маблағҳои интиқолдодашуда роҳиояндаи ба тағйиёбии иқлим устуворро васеъ хоҳад кард.

## 8.2 Тавсияҳо:

Агар ба мақсади тадқиқот баргардем, ки оё оқибатҳои иқтисодии муҳоҷират мусбатанд ё манфӣ ва оё интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба хонаводаҳо имконият медиҳанд, ки ба тағйирёбии иқлим ба таври самаранок мутобиқ шаванд, аз як қатор шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили вазъи кунунӣ дар Тоҷикистон, тавсияҳои зерин барои баррасии минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

**Барои стратегия ва нақшаҳои миллӣ**

Гузариши кишвар аз иқтисоди аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ яке аз ҳадафҳои асосии рушди иқтисодии дарозмӯҳлати дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016–2030 муқарраргадида мебошад. Ин маънои онро дорад, ки таваҷҷӯҳи кишвар ба рушди бахши саноат равона карда шудааст, на ба соҳаи кишоварзӣ. Аз як тараф, рушди саноат як қатор афзалиятҳо дорад, монанди ҷалби сармояи хориҷӣ, интиқоли технологияи нав, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ. Дар муқоиса бо соҳаи кишоварзӣ, саноат ба ҳолатҳои иқлим вобастагии бевосита надоранд. Вале, бисёр соҳаҳои саноат аз миқдори зиёди нерӯи барқ, асосан аз ҷониби нерӯгоҳҳои оби барқӣ тавлидшаванда вобастагӣ доранд, ва аз ин рӯ ба таври ҷиддӣ ба тағйирёбии иқлим таъсири худро мерасонанд. Аз тарафи дигар, чунин гузариш афзоиши назаррас дар ҳаҷми маблағгузорӣ, ҷорӣ намудани технологияи нав ва баланд бардоштани сармояи инсониро талаб мекунад.

Барои таъмини истифодаи устувори захираҳои молиявӣ, табиӣ ва инсонии мавҷуда санадҳои стратегии кишвар бояд инҳоро ба инобат гиранд:

- Маориф: Азбаски Стратегия ҳадафи рушди сармояи инсониро тавассути баланд бардоштани системаи маориф муайян мекунад, таваҷҷӯҳ ба таъсис додан ва васеъ намудани ихтисосҳои техникӣ ва муҳандисӣ талабот ба мутахассисони маҳаллиро қонеъ мекунад, вобастагӣ аз мутахассисони хориҷӣ ва хароҷот нисбати онҳо кам мешавад. Ҳамзамон, ин муносибат имкониятҳои бештари шуғлро барои мутахассисони маҳаллӣ, бахусус барои ҷавонон таъмин менамояд. Холигии ҷорӣ дар таъминоти мутахассисони маҳаллӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон низ тавассути омӯзиши касбӣ барои муҳоҷирони меҳнатии фаъол ва эҳтимолӣ метавонад кам карда шавад.
- Сармоягузориҳои хусусӣ: Возеҳ аст, ки рушди соҳаи саноат ба сармоягузориҳои назаррас ниёз дорад. Дар мавриди Тоҷикистон, аксари сармоягузориҳо аз хориҷи кишвар дар назар аст. Аммо, чун вариант, маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд эҳтимолан ҳамчун сарчашмаи иловагӣ барои рушди соҳаи саноат истифода бурда шаванд. Вале, ин амал таҳияи қоидаҳоро оид ба тарғиби истифодаи ғайриистеъмолии маблағҳои интиқолшуда тавассути таъмини заминаҳои мутақобилан судманд ҳам барои давлат ва ҳам муҳоҷирони меҳнатӣ, ки метавонанд ва омодаанд дар соҳаҳои маҳаллӣ сармоягузорӣ кунанд, талаб мекунад.
- Технологияҳои сабз: Ҷодаи дигари муҳими индустриализатсия таъсири он ба раванди тағйирёбии экология ва иқлим мебошад. Дар робита бо ин, СМР (с. 2016–2030) ҳадафи диверсификатсияи манбаъҳои дохилии энергияро тавассути рушди захираҳои ангишт, газ ва нафт муайян мекунад. Ин ба фишори бештар нисбати тағйирёбии иқлим ва муҳити зист меоварад. Азбаски саноат соҳаи истеъмолкунандаи энергетика аст, пешниҳод карда мешавад, ки манбаъҳои энергияи устувор ҷиҳати тавсеаи истеҳсоли нерӯи барқ ва кам кардани таъсири имконпазири он ба муҳити зист баррасӣ карда шавад.
- Тағйирёбии иқлим: Бо назардошти осебпазирии кишвар ба зарбаҳои беруна, иқтисоди заиф, инчунин осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим, танзими оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва тадбирҳои мутобиқшавӣ ҳам дар сатҳи ҳадаф ва мақсадҳо, инчунин дар сатҳи тадбирҳо ва нишондиҳандаҳо бояд хуб инъикос карда шаванд. Аз ин сабаб, алоқаи беҳтари санадҳои кишвар бо ҲРУ ҷиҳати ҳамрадиф кардани афзалиятҳои глобалӣ ва миллӣ ва таъмини маблағгузории рушди бештар мақсаднок мусоидат хоҳанд кард.

### *Барои сиёсатҳо ва барномаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ*

Қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ҳанӯз ба андозаи пурра муҳоҷирати меҳнатиро бо сабаби набудани инҳо ба танзим надаровардааст: (а) маълумоти дақиқ, боэътимод ва саривақтӣ роҷеъ ба шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, (б) сиёсатҳо барои ташвиқи бозгашти муҳоҷирони меҳнатии боихтисос, инчунин ҳамгироии нави муҳоҷирони баргашта барои тарғиби сармоягузориҳо ва пасандозҳо, ва (в) барномаҳои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатӣ. Илова бар ин, қонунгузории Федератсияи Россия сиёсати муҳоҷиратро тавассути тадбирҳои ҷазо барои вайрон намудани қоидаҳои муҳоҷират ва ё маъмурӣ пурзӯр кардааст, ки дар навбати худ муҳоҷирони тоҷикро дар ҳолатҳои боз ҳам мураккабтар қарор медиҳад. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ хароботар шуда истодаанд ва камбизоатӣ ҳанӯз масъалаи асосӣ мебошад. Дар асоси таҳлили мавқеи амалкунандаи кишвар оид ба муҳоҷират, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи сиёсат ва барномаҳои мувофиқ барои муҳоҷирон инҳо ба назар гирифта шаванд:

- Ҳифзи иҷтимоӣ: СМР (с. 2016–2030) таъмини ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатиро пешбинӣ менамояд. Вале, ин ӯҳдадориҳо дақиқ нестанд ва ҳангоми таҳия ва ё амалӣ намудани тадбирҳои сиёсати дахлдор таваҷҷӯҳи бештарро талаб мекунанд. Баррасии асосӣ масъалаи рушд ва истифодаи меъёрҳои дақиқ ҷиҳати муайян кардани сатҳи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, бахусус занон ва кӯдакон, осебпазирӣ нисбати мавриди ҳадафи боз ҳам самаранок ва фарогирӣ бо барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ равона мебошанд.
- Маориф: Баландбардории сатҳи маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатӣ ки ба рушди сармояи инсонии дарозмӯҳлат мусоидат менамояд ва қувваи кории Тоҷикистонро ба талаботи бозори меҳнати байналмилалӣ бештар мувофиқ мекунад ва имкониятҳои онҳор ҷиҳати кафолати кор васеътар мекунад, ки он дар навбати худ ба даромади бештар ва амнияти зиндагии оилаҳои онҳо дар ватан меоварад.
- Тандурустӣ ва огоҳии ҳуқуқӣ: дониши хуби сиёсати муҳоҷирати меҳнатии кишварҳои қабулкунанда омодагии беҳтарро барои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи беҳтари муҳоҷирони меҳнатӣ аз вайронкунии ҳуқуқҳо таъмин мекунад. Муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин бояд фаҳмиши хуби пешгирӣ ва гузаштани бемориҳои сироятро, ба монанди бемории сил, инчунин бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, ба монанди ВИЧ/СПИД, ки ба муҳоҷирони меҳнатӣ хеле таҳдид мекунад, дошта бошанд.
- Банақшагирии буҷети оила: оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бояд оид ба танзим ва идоракунии самараноки буҷети оилавӣ омӯзонида шавад. Ин баланд бардоштани самарабахшии истифодаи маблағҳои интиқолшударо барои рушди соҳибкории хурд ва дар натиҷа таъсиси имкониятҳои кор ва худиштиғолиро таъмин менамояд. Ин равиши идоракунии буҷети оилавӣ як қатор манфиатҳоро дорост, аз ҷумла: (а) андозҳои бештар ба буҷети маҳаллӣ; (б) маблағгузории бештар ба фаъолияти рушди маҳаллӣ; (в) пасандозҳо ва амонатҳои бештари шаҳрвандон дар бонкҳои маҳаллӣ. Таъсири дарозмӯҳлати истифодаи самараноки маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ барои манфиатҳои дарозмуддати иҷтимоӣ ва иқтисодии оила ва диверсификатсияи иқтисодиёти маҳаллӣ. Азбаски соҳаи кишоварзӣ корфармои бартаридошта дар манотиқи деҳот аст, эҳтимолияти истифодаи маблағҳои интиқолшуда барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим зиёд мешавад, агар оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз манфиатҳои чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим огоҳ бошанд.

### *Барои сиёсат ва тадбирҳо оид ба тағйирёбии иқлим*

Ягона санади сиёсати мавҷуда, ки ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон равона карда шудааст, Нақшаи амалиёти миллӣ оид ба коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим мебошад. Айни замон, кишвар дар арафаи қабули Стратегияи миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим ҳамчун санади асосии сиёсати миллӣ, ки ба мутобиқшавӣ ба устувории иқлим барои давраи то соли 2030 равона карда шудааст, мебошад. Дар заминаи таҳлили қонунгузории амалкунанда тадқиқот бо назардошти ҷанбаҳои зерин таҳияи қонунгузорӣ бо мақсади бомуваффақият мутобиқ шудан ба тағйирёбии иқлимро пешниҳод мекунад:

- Таҳия ва ҷорӣ намудани тадбирҳои мувофиқ нисбати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар ҳар як бахши иқтисодӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат. Назорати пешрафт ва хароҷотҳо бахшида ба тадбирҳои устуворӣ ба тағёрёбии иқлим.
- Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маълумотнокии аҳолӣ, аз ҷумла кишоварзон, хонаводаҳо ва насли ҷавон оид ба тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим.
- Тарғиб ва мусоидат намудан ба татбиқи тадбирҳои дахлдори мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ,маҳаллӣ ва хонавода, инчунин амалӣ кардани онҳо дар нақшаҳои рушди дар маҳал ва ҷомеа асосёфта.
- Расонидани кӯмаки молиявӣ ба оилаҳои аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим зарадида. Инро метавон тавассути пешниҳод намудани грантҳо, қарзҳои дастрас ва ё дигар шаклҳои ёрии техникӣ анҷом дод.

- Баррасии истифодаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун тадбир ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини замонати он, ки рушди иқтисодӣ ба таъсири иқлим устувор боқӣ мемонад.

***Барои барномаҳои молияи давлатӣ ва хусусӣ***

Айни замон, бозори молиявии Тоҷикистон ба таҳкими минбаъда бо мақсади таъмини устувории молиявӣ ва дастрасӣ ба маблағ ниёз дорад. Бонкҳои тиҷоратӣ меъёрҳои фоизи баланд доранд, ки ба аҳолӣ, хусусан ба сокинони камбизоати деҳот, имконият намедиҳанд, маҳсулоти молиявиро ба таври мувофиқ истифода баранд. Барномаи CLIMADAPT дар Тоҷикистон аз ҷониби БАТР ва БСИ махсусан барои дастгирии бахши хусусии Тоҷикистон ҷиҳати бештар устувор гаштан ба тағйирёбии иқлим, ҷорӣ карда шудааст, метавонад намунаи хуб барои рушди муассисаҳои молиявӣ ва барномаҳо барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим аз ҷониби ҳукумат ва бонкҳои тиҷоратӣ бошад. Чунин барномаҳои молиявӣ метавонанд ба ҳама ҷонибҳо, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, давлат ва муҳоҷирон бо роҳи ҷалби бештари муштариён ба бонкҳо, дастгирии давлат дар таҳкими иқтисодӣ ва кӯмак ба оилаҳо ҷиҳати дастрасӣ ба молияи дастрас манфиат оваранд. Якчанд мисолҳои чунин барномаҳо аллакай аз ҷониби баъзе бонкҳои қарздиҳии хурд таъмин карда шудаанд, ки онҳоро низ метавон барои таҳияи барномаҳои маблағузории оянда ба инобат гирифт. Илова бар ин, пардохтҳои (комиссияҳои) баланди интиқоли бонк дар аксари ҳолатҳо имкон намедиҳанд, ки муҳоҷирон хизматрасониҳои бонкиро ҷиҳати интиқоли маблағ истифода баранд, ки дар навбати худ ба мониторинги дахлдори маблағҳои интиқолшуда аз ҷониби давлат таъсир мерасонад ва инчунин барои муҳоҷирон интиқоли маблағро тавассути каналҳои расмӣ мушкил мекунад.

Бо назардошти боло, тадқиқот интихобиҳои зеринро ҷиҳати таҳияи барномаҳои мушаххас барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ пешниҳод менамояд:

- меъёрҳои пасттари фоизӣ нисбати қарзҳои додашуда ҳамчун тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, барои тарбияи ҷавонон, аз ҷумла шарт ва шароитҳои мусоид барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.
- мунтазам баланд бардоштани иқтидори кормандони бонк, аз ҷумла коршиносон, барои машваратҳо ва маслиҳатҳои дахлдор оид ба технологияҳо ва тадбирҳои мутобиқшавӣ, ки дар доираи онҳо қарз дода шуда метавонад ва мутобиқи шартҳои муфиди қарз барои муштариён.
- машваратҳои васеъ ва моҳиятӣ, маслиҳатҳо аз ҷониби кормандони қарзӣ барои ба таври муфассал фаҳмонда тавонистани манфиатҳои дахлдори молиявӣ ва дигар манфиатҳои маҳсулоти сабз ва устувор нисбати иқлим ба муштариён.
- қарзҳо бе ягон гарав ё зомин барои муштариён, ки пайваста интиқоли маблағ қабул мекунанд ва омодаанд қарзро барои тадбирҳои устувории иқлим истифода баранд (масалан қарзи «Боварӣ» аз ҷониби бонки Эсхата.
- шарикии давлат ва бахши хусусиро метавон барои ҷалб намудани маблағҳои интиқолшуда ҳамчун сармоягузории иловагӣ ба диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди соҳаи истеҳсолот бо назардошти интиқоли технологияи тоза истифода бурд ва тарғиб кард.

Баъзе тадбирҳои дар боло номбаршуда аллакай аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) мавриди амал қарор гирифтаанд. Вале, маҳдудиятҳои асосӣ инҳоро дар бар мегиранд: (а) аксари ин бонкҳо дар шаҳрҳо ва манотиқи деҳоти сераҳолӣ фаъолият мекунанд, ҳамин тариқ маҳсулот ва хизматрасониҳои ин бонкҳо аз дастрасии ҷомеаҳои воқеъ дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузари кишвар, ки чун қоида осебпазиртарин ба тағйирёбии иқлиманд, берун мебошанд; (б) огоҳии ТМХ-ҳо оид ба таҷрибаи беҳтарини оид ба қарзҳои «сабз» ва онҳое, ки вобаста ба тағйирёбии иқлиманд, маҳдуд аст. Он тағйирот нусхабардорӣ ва васеъ кардани миқёси фаъолиятро ба ҳадди ақал мерасонад. Ҳамин тариқ, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (АТМХТ)-ро ҳамчун пайванд бо тамоми ТМХ-ҳои фаъолияткунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат ба тадбирҳои дар боло омада ва ё васеъ намудани таҷрибаи пешқадами монанди ононе, ки аз ҷониби БАТР тавассути Бонки Эсхата ва Имон Интернешнл намоиш дода шудаанд, метавон истифода бурд.

Дар маҷмӯъ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағҳоро ба сифати васила мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сиёсати миллӣ мавриди баррасӣ қарор намедиҳад. Вале, барномаҳои гуногуни пароканда оид ба таъғирёбии иқлим ва интиқоли маблағҳо дар алоҳидагӣ дар кишвар вуҷуд доранд. Пешниҳод мешавад, ки маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун воситаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сиёсат, аз ҷумла дар Стратегияи миллии оид ба тағйирёбии иқлим баррасӣ карда шаванд.

# Иқтибосҳо

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи расмии дастрас дар: www.stat.tj

Агентии омор ва Вазорати тандурустӣ. 2012. Тадқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон. Атласи нишондиҳандаҳои асосӣ. Дастрас дар: http://stat.tj/ru/img/e7604507b29876e47b1dd85df4640df4_1385546921.pdf

Danzer A., Ivaschenko O. 2010. “Migration patterns in a remittance dependent economy: Evidence from Tajikistan during the global financial crisis”, Migration Letters, Volume: 7, No: 2

Котиботи Хартияи энергетикӣ. 2013. TAJIKISTAN: In-depth review of energy efficiency. дастрас дар сомонаи:http://www.energycharter.org/fileadmin/DocumentsMedia/IDEER/IDEER-Tajikistan_2013_ru.pdf

Фокус Мигрейшн 2010 Федератсияи Россия. Country Profile. No. 20. July. дастрас дар сомонаи: http://focus-migration.hwwi.de/Russian-Federation.6337.0.html?&L=1

Агентии байналмилалии энергетика (АБЭ). 2013 Сомонаи расмии Агентии байналмилалии энергетика. дастрас дар сомонаи:https://www.iea.org/statistics/statisticssearch/report/?year=2013&country=Tajikistan&product=ElectricityandHeat

Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ). 2010. “Migrant Remittances to Tajikistan: The Potential for Savings, Economic Investment and Existing Financial Products to Attract Remittances”, ILO Subregional Office for Eastern Europe and Central Asia, 2010, p,1 дастрас дар сомонаи http://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---europe/---ro-geneva/---sro-moscow/documents/publication/wcms_308938.pdf.

Ҳиссагузориҳои пешбинишудаи дар сатҳи миллӣ муайяншаванда (ҲПСММ) Тоҷикистон. Дастрас дар сомонаи: http://www4.unfccc.int/submissions/INDC/Published%20Documents/Tajikistan/1/INDC-TJK%20final%20ENG.pdf

Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират (СБМ). 2007. Abdul-Ghaffar Mughal, Migration, “Remittances, and Living Standards in Tajikistan”, Гузориш дар заминаи интиқоли маблағҳо ва андозаи стандартҳои зиндагии Хатлон (KLSS 2005), Сентябр, с. 34.

Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират (СБМ). 2015. Mapping on Irregular Migration in Central Asia 2014. Astana 2015. Дастрас дар сомонаи : http://iom.kg/wp-content/uploads/2015/01/IDFPublicationeng.pdf

Шӯрои байнидавлатӣ оид ба тағйирёбии иқлим (ШБТИ): Climate change 2014. Impacts, Adaptation and Vulnerability. Contribution of Working Group II to the Fifth Assessment Report of the Intergovernmental Panel on Climate Change. Chapter 24. Asia

Jones L., Black R., Skeldon R., “Migration and Poverty Reduction in Tajikistan”, Institute for Development studies, Sussex center for Migration Research, February, 2007, Дастрас дар сомонаи http://www.migrationdrc.org/publications/working_papers/WP-C11.pdf  p.19.

Kern J., Magallon D. 2014. “Financing Sustainable Energy through remittance flows in Tajikistan and Kyrgyzstan”, Basel Agency for Sustainable Energy, May 2014, p. 9 and p. 18.

Kluczewska K., 2014. “Migrants’ re-entry bans to the Russian Federation: the Tajik story”. Дастрас дар сомонаи: http://www.osce-academy.net/upload/file/Policy_Brief_16.pdf

Вазорати корҳои хориҷӣ (ВКХ). 2015. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас дар сомонаи: http://mfa.tj/ru/energetika/obzor-energeticheskogo-sektora-rt.html

Форуми созмонҳои муҳоҷират. 2016. Дастрас дар сомонаи: http://migrant.ru/statistika-fms-rossii-pokazyvaet-dinamiku-rosta-trudovoj-migracii-iz-centralnoj-azii/

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013. Ҳисобот оид ба мониторинг ва огоҳии барвақтии Тоҷикистон - январи с. 2013, с. 16, Дастрас дар сомонаи:

http://www.untj.org/files/Publications/DRMP/Monitoring_and_Early_Warning_Report/TJK_Monitoring_and_Early_Warning_Report_January_2013_ENG.pdf

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013. Ҳисобот оид ба мониторинг ва огоҳии барвақтии Тоҷикистон, Ҳисоботи моҳи февралӣ, с.15 Дастрас дар сомонаи http://reliefweb.int/sites/reliefweb.int/files/resources/TJK_Monitoring_and_Early_Warning_Report_February_2015_ENG.pdf

Mustaeva N., Wyes H., Mohr B., Kayumov A., 2015. “Tajikistan: Country situation assessment”, The Regional Environmental Center for Central Asia (CAREC). Дастрас дар сомонаи http://prise.odi.org/wp-content/uploads/2015/08/Tajikistan_Country_Situation_Assessment.pdf

Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас дар сомонаи: http://www.mmk.tj/ru/

Стратегияи миллӣ, с. 2011 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқ намудани «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар дар давраи солҳои 2011-2015», № 460 аз 4.10.2011.

Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расмӣ, Дастрас дар сомонаи http://www.migration.tj/index.php/ru/zakonodatelstvo/strategy

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030. Лоиҳаи Санад

Гузориши СҒД, с. 2012. Гузориш СҒД ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи коргарони муҳоҷир оид ба иҷрои Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон - Коргарон ва аъзоёни оилаҳои онҳо

Сомонаи расмии филиали Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия. Дастрас дар сомонаи: http://www.tajmigration.ru/

Official website of the National Centre for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, 2016 Дастрас дар сомонаи: http://mmk.tj/ru/

Сомонаи расмии Маркази Тоҷикистону Русия оид ба забони русӣ ва фарҳанги Федератсияи Россия. Дастрас дар сомонаи: http://cerk.tspu.edu.ru/

Сомонаи расмии CLIMADAPT project. Дастрас дар сомонаи: http://climadapt.tj/;

Сомонаи расмии боник Эсхата. Дастрас дар сомонаи: http://eskhata.com/

Сомонаи расмии ИМОН Интернешнал. Дастрас дар сомонаи: http://imon.tj/

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА). 2012 Духили иҷтимоӣ ва иқтисодии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон, Ҳисобот оид ба Арзёбӣ, САҲА, Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар, Варшава, сентябри соли 2012, саҳ. 6;

Popov D., “Labour Migration from Tajikistan in Figures” (“Трудовая миграция из Таджикистана в цифрах”), Russian Institute of Strategic Studies,29.05.2015 available at http://riss.ru/analitycs/17465/;

Сомонаи расмии Федератсияи Русия, Хадамоти омори Федератсияи давлатӣ http://www.gks.ru/;

Ryazantsev S., Bozhenko V. 2013. Institute of Social and Political Research, Russian Academy of Sciences. 2014. New Approaches to Managing Labour Migration under Integration in Eurasec. Published in Asian Social Science; Vol. 10, No. 20; by Canadian Centre of Science and Education. Russian Federation;

Маркази иттилоотӣ ва таҳқиқотии SocService, с. 2010: "Тадқиқоти муҳоҷират: Муҳоҷират ва малакаҳо дар Тоҷикистон"

The Moscow Times. 2011. Quota System for Hiring Foreign Labour in Russia. By AsidaAgrba. 31.08.2011. Дастрас дар сомонаи: http://www.themoscowtimes.com/business_for_business/article/quota-system-for-hiring-foreign-labor-in-russia/442910.html;

Иқтисоди савдо, с. 2016 Сайти расмии дастрас дар http://www.tradingeconomics.com/tajikistan/gdp

ККҚСММТИ. 2016. http://unfccc.int/paris_agreement/items/9485.php;

БРСММ ва Бонки рушди авросиё. 2015. “Labour Migration, Remittances, and Human Development in Central Asia”, Central Asia Human Development Series, p.12

БРСММ Тоҷикистон 2012. Иқтидор оид ба устувории иқлим дар Тоҷикистон: Инвентаризатсия ва арзёбии институтсионалӣ;

БРСММ, 2015 ‘Ҳисобот глобалӣ оид ба рушди инсон: Кор барои рушди инсон’

БРСММ Тоҷикистон, 2016 ‘Тақвияти коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ ва тавоноӣ ба вокуниш, Лоиҳаи санад’

ЮНЭПР-БРСММ, 2016 ‘Баррасии хароҷоти давлатии экологии об дар Тоҷикистон’

Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ (БҶО). 2015. Tajikistan Food Security Monitoring System # 14, p. 8 Дастрас дар сомонаи http://documents.wfp.org/stellent/groups/public/documents/ena/wfp273636.pdf;

Бонки Ҷаҳонӣ, 2015 Сомонаи расмии Бонки Ҷаҳонӣ. Баррасии кишвар. Дастрас дар сомонаи: http://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/overview;

Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ. 2015. Tajikistan: A moderate Slowdown in Economic Growth Coupled with a Sharp Decline in Household Purchasing Power, Tajikistan, Economic Update No.2, p. 5;

Бонки Ҷаҳонӣ. 2016. Дарҷи Барномаи шарикии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон. Дастрас дар сомонаи: http://pubdocs.worldbank.org/pubdocs/publicdoc/2016/4/971041460525814067/Tajikistan-Snapshot-s2016-en.pdf

# Замимаҳо

## Замимаи 1: Рӯйхати пурсидашудагон

**Ҳукумат**

Хайриддин Маҳмадуллоев, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моҳинисо Маҳмадбекова, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Музаффар Салимов, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҳмад Холов, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ёвон)

Фирдавс Умаров, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Зарафшон)

Шаҳло Азизбекова, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заррина Назарова, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Вилояти Хатлон),

Шералӣ Сафаров, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рустам Абдуллоев, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пажуҳишгоҳҳои илмӣ - тадиқиқотӣ**

Қурбонҷон Кабутов, Институти манбаъҳои энергия

Яраш Пулатов, Институти проблемаи об

**СҒД**

Юрий Скочилов, СҒД «Маркази экологии ҷавонон»

Нодира Раҳмонбердиева, СҒД Маркази иттилоотии «Манижа»

Қурбоналӣ Партоев, СҒД «Ҳамкорӣ барои тараққиёт"

**Ташкилотҳои донорӣ:**

Зебо Ҷалилова, Таҳлилгари Барнома, Кластери иҷтимоию иқтисодӣ, БРСММ дар Тоҷикистон

Гулбаҳор Неъматова, Таҳлилгари Барнома, Кластери идоракунии, БРСММ дар Тоҷикистон

Фирӯз Ҳамидов, Менеҷери барнома, Барномаи ҷомеъаҳо, БРСММ дар Тоҷикистон

Ҷӯрабек Сатторов, Иқтисоддон, Барномаи ҷомеаҳо, БРСММ дар Тоҷикистон

Фирӯз Саидхоҷаев, Корманди калони рушди иқтисодӣ, Барномаи ҷомеаҳо, БРСММ дар Тоҷикистон

**Маркази минтақавии экологии**
**Осиёи Марказӣ (ММЭОМ)**
40, Орбита –1, 050043, Алмаато,
Ҷумҳурии Қазоқистон
Тел.: +7 (727) 265 4333; 265 4334
Факс: +7 (727) 265 4325
Почтаи электронӣ: info@carececo.org

**www.carececo.org**

**www.prise.odi.org**

Research for climate-resilient futures

Настоящая аналитическая работа была подготовлена в рамках «Инициативы совместных исследований по адаптации в Африке и Азии (CARIAA)» при финансовой поддержке Министерства международного развития Великобритании (DfID) и Исследовательского Центра международного развития Канады (IDRC). Мнения, выраженные в настоящей работе, являются мнениями авторов и не обязательно отражают точку зрения DfID, IDRC или их Совет Управляющих.

CARIAA
Collaborative Adaptation Research Initiative in Africa and Asia

UKaid
from the British people

IDRC | CRDI
International Development Research Centre
Centre de recherches pour le développement internati

Canada